Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ТАВАККАЛ ЧОРИЕВ**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФҲОИ 3-ЮМИ МАКТАБҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст*

Нашри шашум



ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2019

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 811.222.8(075)+372.881.1(075)
КБК 83.3 Тад. 922
Ч 80

Муҳаррири масъул:

**О. Сафаров** — доктори илмҳои филология, профессор

Муқарризон:

1. **Ғ. Раҳимкулов** – доктор (PhD)-и улуми фалсафа роҷеъ ба фанҳои филологии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд;
2. **С. Самиева, Д. Мукумова** – омӯзгорони калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз;
3. **Ф. Қосимова** – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 17-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд.

## Аломатҳои шартӣ:


— дар хотир доред.


— ба саволҳо ҷавоб диҳед.


— вазифаи хонагӣ.


— тест.

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-01-285-1

© Таваккал Чориев, 2008—2019.
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2008—2019.

http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ХУШ ОМАДЕД,
# СОЛИ НАВИ ХОНИШ МУБОРАК!



## ТАКРОР

### Дарси 1. ЎЗБЕКИСТОН — САРЗАМИНИ ПУРСАХОВАТ

**Машқи 1.** Шеърро бо овозбарорӣ хонед. Бигӯед, ки сухан дар бораи чӣ меравад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## АЗИЗ АСТ АЗ БАРОИ МАН

Чунин бахту чунин шодӣ,
Замони неку ободӣ,
Шарафмандию озодӣ,
Азиз аст аз барои ман!...

Каломи Ҳофизу Ҷомӣ,
Камолу Туғрали номӣ,
Суруди сулҳу оромӣ,
Азиз аст аз барои ман!

*Ҷӯра ҲОШИМӢ*

**Машқи 2.** Расмҳоро аз назар гузаронед ва ба саволҳои дар поён навишташуда ҷавоб диҳед.



1. Аз кадом вақт ин ҷониб ҷашни истиқлоли Ватанамон — Ӯзбекистонро пешвоз мегирем?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Имсол ҷашни чандсолагии истиқлоли Ӯзбекистон гузаронида мешавад?

3. Дар саҳифаи пеш расми кадом майдону биноҳо дода шудааст?

**Машқи 3.** Матнро бо овозбарорӣ хонед. Фикратонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед.

## МАКТАБИ МО

Мактаби мо дар бинои калони сафед ҷой гирифта, синфҳо равшан ва озода, фаршҳо ҳама тахтагин, дар ҳар синф ду қатор партаҳои сиёҳ гузошта шуда буд. Мактаби деҳагии мо, ки дар анбори як дараҷа таъмиршуда ҷой гирифта буд, бо мактаби намунаи Тус асло баробар шуда наметавонист. Рӯйи ҳавлии калони мактаб ҳамеша об зада рӯфтагӣ, аз байнаш ҷӯйи об равон, он тарафи ҷӯй боғ буд. Дар саҳни мактаб мо дарси гимнастика мекардем. Дар боғ бошад, дар вақти танаффус бозӣ мекардем.

*Сотим УЛУҒЗОДА*

**Машқи 4.** Бо калимаҳои **истиқлол, ҷашн, хиёбон, ҷумҳурӣ, Ӯзбекистон, дониш, илм** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Намуна: Ҳар сол ҷашни истиқлоли Ӯзбекистон тантанавор гузаронида мешавад.



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 2. ОВОЗ ВА ҲАРФ

**Машқи 5.** Калимаҳои поёниро аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбо нависед.

Китоб, илм, ранг, сурх, дониш, маъдан, аъзо, баъд, Шодӣ, Одил, кор, зиндагӣ, одоб, ахлоқ, хирад.

**Машқи 6.** Ҷумлаҳои дар ҷадвал додашударо хонед ва ҳарфҳои ивазшударо дар мисоли калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташуда гӯед.

Ҷадвали №1

| Иваз шудани ҳарфи ӣ ба и | |
|---|---|
| Яхи **ҷӯй** об шуд. | Аз гузари мо **ҷӯйи** калон мегузарад. |
| Ба бародарам **сурнай** харидем. | **Сурнаи** вай нағз аст. |
| Чойник **чой** дорад. | **Чойи** чойник гарм аст. |

Ҷадвали №2

| Иваз шудани ҳарфи ӣ ба и | |
|---|---|
| Онҳо моҳӣ доштанд. | Вай моҳии зағора буд. |
| Мо дар майдон **бозӣ** кардем. | **Бозии** мо як соат кашол ёфт. |
| Қумрӣ куртаи **шоҳӣ** дорад. | Вай рӯмоли **шоҳии** сурх ҳам дорад. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 7.** Аз ҷумлаҳои поёнӣ калимаҳои аломати сакта доштаро ёфта, якҷоя хонед.

1. Мо ҳар рӯз дар дарсҳои математика мисол ва масъала ҳал мекунем. 2. Рӯякӣ хондани китоб нафъ надорад. 3. Ҳамаи мо саъй мекунем, ки аълочӣ шавем. 4. Шамъи шамъдон сӯхта тамом шуд. 5. Раъйи қавӣ аз шамшери бurranда қавитар аст. 6. Муаллим мавзӯи навро эълон кард.

**Машқи 8.** Аз рӯйи расм номи воситаҳои нақлиётро ба дафтар нависед. Аз чанд овоз ва ҳарф иборат будани ин калимаҳоро гӯед.






**Машқи 9.** Калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо ба дафтар рӯбардор кунед. Фарқи онҳоро фаҳмонед.

1. Ман ҳемеша **аъло** мехонам. Гӯсолаи Қодир **ало** мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Фаррух аз ғурридани **раъд** метарсид. Маҷлис таклифи моро **рад** кард.

3. Суръати ҳаракати самолёт аз **суръати** поезд хеле зиёд аст. **Сурат** ба девор овехта шуд.

Намуна: аъло — ало.

## Дарси 3. НОМИ ПРЕДМЕТҲО

**Машқи 10.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо ба дафтар рӯбардор кунед. Гӯед, ки он калимаҳо ба кадом савол ҷавоб мешаванд ва чӣ гуна номи предметро ифода мекунад?

1. **Шер** ва **паланг** ҳайвонҳои дарранда мебошанд. 2. **Гӯсфанд, буз, асп** ва **гов** ҳайвоноти хонагӣ аст. 3. **Дафтар, қалам, сиёҳидон** ва **ҷадвал** асбобҳои муҳими хониш мебошанд.

**Машқи 11.** Аз рӯйи расмҳо номи меваю сабзавотро нависед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 12.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Тагаш суфача,
Болош садача.



**Машқи 13.** Дар мавзӯи **«Таътили тобистона»** матн тартиб диҳед.

## Дарси 4. ҲАРАКАТИ ПРЕДМЕТҲО

**Машқи 14.** Хонед ва калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметро муайян намоед.

1. Дар боғи мо дарахти себ, зардолу, олуболу, нок, гелос, шафтолу ва олуча ҳаст. 2. Мо аз хоб мехезем, дасту рӯ мешӯем, либос мепӯшем, нонушта мекунем ва ба мактаб меравем. 3. Дар замини обчакорӣ сабзӣ, картошка, пиёз, бодиринг ва дигар сабзавот мекорем. 4. Ман ба корҳои модарам ёрӣ мерасонам.

**Машқи 15.** Хонед, рақаму шумораҳоро дар катакчаҳои холӣ бо ҳарф нависед.




Он рақами майдаяк
Гӯй, ки номаш чӣ?

Хонӣ агар ганда ту,
Гирӣ чӣ бешубҳа?

Сурати он мисли «зе»
Номи рақам чист?

Бошӣ агар зарбдор,
Гирӣ ту 3 не, чӣ?



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Хонӣ ба шасту ба ранҷ,
Ҳаққи ҳалоли ту? ☐☐☐☐

Бинӣ зи пешу пасаш,
Бошад якхела он? ☐☐☐

**Машқи 16.** Матн ва расмҳоро аз назар гузаронед. Калимаҳое, ки ҳаракат, ном, аломат ва адади предметҳоро ифода мекунад, дар алоҳидагӣ нависед.

## ҲАЙВОНҲОИ ТЕЗГАРД

Оҳу ҳайвони тезгард мебошад. Бисёр оҳувон дар як соат бо суръати 80 километр медаванд, ки ин ба суръати шамоли тӯфони баҳр баробар аст. Ҳатто бачаҳои навзоди оҳу пас аз таваллуд каме дар офтоб хушк шуда, худи ҳамон лаҳза аз паси модарашон давида метавонанд. Аммо, чуноне ки ба мо маълум аст, дар тездавӣ оҳу ҷойи аввалро намегирад. Тезгардтарин ҳайвон сиёҳгӯш (гепард) аст, ки он душмани қаттоли оҳу мебошад.

Сиёҳгӯш як навъи гурбаи бузургҷуссаи дарранда аст. Вай аз рӯйи доғҳои рангини пӯсташ







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба паланг монанд мебошад. Сиёҳгӯшҳо соате то 128 километр масофаро тай карда метавонанд. *(Аз маҷаллаи «Чашма»)*

**Машқи 17.** Бо калима ва ибораҳои поёнӣ, ки ҳаракати предметҳоро ифода мекунанд, дар мавзӯи **«Китобро тоза нигоҳ доштан лозим»** матн тартиб диҳед:

Хат кашидан, даррондан, навиштан, чиз мондан, қат кардан.

## Дарси 5. АЛОМАТИ ПРЕДМЕТҲО

**Машқи 18.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳоро муайян карда, ба дафтар нависед.

Тирамоҳ, ҳаво, хунук, мехонад, салқин, медӯзад, дилнишин, фасл, мекорад, беғубор, мепазад, осмон, зебо, хушнамуд, мерезанд, вай, шумо.

**Машқи 19.** Аз рӯйи расм номи паррандаҳоро номбар кунед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 20.** Порчаи шеъриро бо овозбарорӣ хонед. Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳоро номбар кунед.

ТИРАМОҲ

Шӯҳрати бисёр дорад тирамоҳ,
Номи лангардор дорад тирамоҳ.
Дасти боло,
рӯйи хандон,
чашми сер,
Домани пурбор дорад тирамоҳ.

*Мирсаид МИРШАКАР*

**Машқи 21.** Чистонро хонед ва ҷавобашро гӯед.

Мехи заррин,
Таги замин.





**Машқи 22.** Пеш аз калимаҳои ифодакунандаи аломати предмет калимаҳои ифодакунандаи номи предметҳоро гузошта, ибора созед.

Равшан, баланд, форам, зебо, васеъ, калон, нав, гарм, ширин, кабуд, хушбӯй, хушбахт, хунук, сабук, соф, дурахшон, дилкушо.

Намуна: шамоли форам.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 6. АДАДИ ПРЕДМЕТҲО

**Машқи 23.** Ба ҷойи нуқта рақамҳои дар поён додашударо ба ҳарфҳо баргардонда нависед.

1. Дар болои миз ... китоб ва ... дафтар ҳаст. 2. Дар сабад ... дона себ будааст. 3. Синфи мо аз ... нафар хонанда иборат аст. 4. Мо ҳар рӯз ... соат дарс мехонем. 5. ... рӯзро ним моҳ ҳам мегӯянд. 6. Яку ним сол ... моҳ мешавад.

*Рақамҳо барои истифода*: 6, 7, 10, 25, 4—5, 15, 18.

**Машқи 24.** Матнро хонед, рақамҳои ифодакунандаи адади предметро номбар кунед.

### ПАРРАНДАИ ТЕЗПАРВОЗ

Паррандаи аз ҳама тезпарвоз фароштурукҳои сӯзандум ба шумор меравand. Онҳо дар Ҳиндустон, Шарқи Дур зиндагӣ мекунанд. Фароштурукҳо тамоми рӯзро дар фазо гузаронда, соате бо суръати 270—360 километр парвоз мекунанд.

**Машқи 25.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Се себаки хубонӣ,
Дар дасти Гулнор.
Як себи арғувонӣ,
Дар дасти Анор.

Чанд себ диҳад Басо
Ба дасти Мӯсо.
Адади себҳо шавад,
Даҳтои расо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 26.** Аз таркиби ҷумлаҳо калимаҳои ифодакунандаи ададӣ предметҳоро муайян кунед ва ба рақамҳо баргардонида нависед.

1. Якуми сентябр иди истиқлоли Республикаи Ӯзбекистон аст. 2. Дуюми сентябр рӯзи аввали соли таҳсил мебошад. 3. Аз соли ҳазору нӯҳсаду ҳаштоду нӯҳ сар карда тоҷикон бисту дуюми июл иди забони модариашонро ҷашн мегиранд. 4. Ҳаштуми декабр Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. 5. Якуми март рӯзи аввалини фасли баҳор аст. 6. Нӯҳуми май — Рӯзи хотира ва қадршиносӣ.



**Машқи 27.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқро ёфта гузоред, ки адади предметро ифода намоянд.

1. Ду понздаҳ — як ... . 2. Панҷоҳ аз панҷ ... баробар зиёд аст. 3. Ҳафт бор ... чилу нӯҳ мешавад. 4. Шаст аз ... даҳӣ иборат аст. 5. Рӯзи ... рӯзи дамгирӣ ва истироҳат мебошад.

**Калимаҳо барои истифода:** сӣ, даҳ, ҳафтӣ, шаш, якшанбе.

## Дарси 7. ҶОНИШИН

**Машқи 28.** Ба ҷойи нуқта ҷонишинҳои мувофиқро гузоред.

1. ... китобро зери парта гузошта аз ҷоям хестам. 2. ... ҷолокона аз ҷой бархост. 3. ... кадом фасли солро бештар дӯст медоред? 4. ... бо яхмолакбозӣ машғуланд. 5. ... рафта



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар ҷойи худ нишаст. 6. ... ба корҳои ҳамдигар ёрӣ мерасонем.

**Ҷонишинҳо барои истифода:** ман, вай, шумо, онҳо, ӯ, мо.

**Машқи 29.** Бо ҷонишинҳои шахсӣ, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 30.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Чист он беҷон, ки дорад гуфтугӯ,
Зери ҳайрат ҳаст, пинҳон карда рӯ.
Сурате дорад, ки чун моҳи мунир,
Доимо раҳ меравад, ӯ беназир.



**Машқи 31.** Матнро хонед ва аз таркиби он ҷонишинҳоро муайян карда, ба дафтар нависед. Аз рӯйи мазмуни он дар байни дастаҳои **«Забоншиносони ҷавон»**, **«Хабарнигорон»**, **«Ҳозирҷавобон»** мусобиқаи саволу ҷавоб ташкил карда, ба фаъолияти ҳамдигар баҳо диҳед.

## ПАДАР ВА ПИСАРОН

Падар ба писаронаш насиҳат кард, ки бо ҳамдигар иттифоқ шуда, бе ҷангу ҷанҷол зиндагӣ кунанд. Аммо онҳо гӯш накарданд. Як рӯз падар фармуд, ки як банд химча биёранд. Вай он банди химчаро дар байни писарон монда гуфт: «Шиканед!»

Писарон ҳарчанд зӯр заданд, шикаста натавонистанд. Баъд падар бандро кушоду ба дасти ҳар як писар яктоӣ химча дода фармуд, ки шикананд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Писарон онро ба осонӣ шикастанд. Баъд падарашон гуфт:

«Шумоён ҳам мисли ана ҳамин химчаҳо ҳастед: агар бо ҳамдигар иттифоқ шуда зиндагӣ кунед, ҳеҷ кас шумоёнро мағлуб карда наметавонад, агар бо ҳамдигар ҷанҷолу хархаша карда, ҷудо-ҷудо зиндагӣ намоед, шуморо ҳар кас ба осонӣ мағлуб карда метавонад».

*Аз «Ҷавомеъулҳикоёт»*

**Машқи 32.** Бо иштироки ҷонишинҳои шахсии **ман, ту, вай, мо, шумо, онҳо** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Намуна: Онҳо забони ӯзбекиро хеле хуб медонанд.

## Дарси 8. ЁРИДИҲАНДАҲО

**Машқи 33.** Хонед ва аз таркиби ҷумлаҳо ёридиҳандаҳоро муайян кунед.

1. Офтобро бо доман пӯшонда намешавад. 2. Бори каҷ ба манзил намерасад. 3. Аз як даст садо намебарояд. 4. Ҳар кас аз меҳнати худ роҳат мебинад. 5. Ҳамроҳи нағз мебарад ба роҳи нағз. 6. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад.

**Машқи 34.** Калимаҳои ёридиҳандаи дар синфи дуюм омӯхтаатонро ба хотир оварда, ба дафтар нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 35.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед. Ёридиҳандаҳои онро номбар кунед.



Аз кӯҳ баромад мири ганда,
Сар то қадамаш ҷомаи ҷанда.

**Машқи 36.** Матнро хонед, ёридиҳандаҳо, калимаҳои ифодакунандаи ном ва аломатҳои предметҳоро муайян карда, дар алоҳидагӣ ба дафтар нависед ва ба саволҳои поёнӣ ҷавоб ёбед.

## ДАНДОНАТРО ТОЗА НИГАҲ ДОР!

Дандон барои одам бисёр зарур ва фоиданок аст. Одам бо дандон нон, гӯшт ва дигар хӯрокҳоро майда карда мехӯрад. Агар ту дандонро нашӯӣ, чиркин шуда даҳонат бадбӯй мешавад. Чормағз, донаки зардолу, бодом ва дигар чизҳои сахтро бо дандон шиканӣ, лат мехӯрад, мекафад. Ҳамин ки ба ҷойи кафидаи он оби хунук, чой ва ё хӯрок даромад, дандонат дард мекунад.

Барои он ки дандон чиркин ва даҳон бадбӯй нашавад, ҳар рӯз як бор дандонро бо хамираи дандоншӯӣ шустан фоиданок аст. Ҳамин тавр, агар дандонатро тоза нигоҳ дорӣ, даҳонат бадбӯй намешавад, дандонҳоят ҳам садаф барин сап-сафед ва бедард мегарданд.



1. Дандон барои чӣ лозим аст?
2. Аз чӣ сабаб даҳон бадбӯй ва дандон дарднок мешавад?
3. Ту дандонҳоятро чӣ тавр ва бо чӣ мешӯӣ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 37.** Пандро хонед, ёридиҳандаҳоро муайян карда, ба дафтар нависед.

Барои дӯст ҷонатро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.

*Абдураҳмони ҶОМӢ*

## Дарсҳои 9—10. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарси 11. МАШҚИ ХАТ. ХУШХАТ НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ ХУРДИ ДАР МОБАЙНИ ҚАТОР НАВИШТАШАВАНДА



Ҳарфҳои хурди алифбои забони модарӣ аз рӯйи ба қаторҳо навишта шуданашон ба чаҳор гурӯҳ тақсим мешаванд. Гурӯҳи аввал ҳарфҳои дар мобайни қатор навишташаванда (**а, г, ғ, е, ж, и, к, л, м, н, о, п, с, т, х, ч, ш, ъ, э, ю, я**); гурӯҳи дуюм: ҳарфҳои дар мобайни қатору аз қатор поён навишташаванда (**д, з, қ, р, у, ф, ҳ, ҷ**); гурӯҳи сеюм: ҳарфҳои дар мобайни қатору аз қатор боло навишташаванда (**б, в, ё, и, й**); гурӯҳи чаҳорум: ҳарфҳои дар мобайни қатору аз қатор боло ва поён навишташаванда (**ӯ**).

**Супориши 1.** Ҳарфҳои хурди дар мобайни қатор навишташавандаро дар қаторҳои алоҳида, ба дафтар хушхат нависед:

а, г, ғ, е, ж, и, к, л, м, н, о, п, с, т, х, ч, ш, ъ, э, ю, я



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Супориши 2.** Калимаҳои поёниро хушхат ва зебо нависед.

Намуна: ширин, форам, хуштаъм, менависад, мехонад, месупорад.

## Дарси 12. НУТҚ



Маҷмӯи овоз ва ҳарфҳо **нутқ** номида мешавад.

Нутқи мо аз овозу ҳарф, калима, ибора ва ҷумла таркиб меёбад. Инсон фикрашро шифоҳӣ (даҳонӣ) ва хаттӣ баён мекунад.

Фикре, ки овоз баровардa гуфта мешавад, нутқи шифоҳӣ ва ба коғаз, дафтар, китоб, рӯзномаву маҷалла навишташударо нутқи хаттӣ меноманд. Ин аст, ки мо дар дарсҳои забони модарӣ ва дигар дарсҳо фикрамонро шифоҳӣ (даҳонӣ) ва хаттӣ баён мекунем.

**Супориш.** Ҷадвалро аз назар гузаронида навъҳои нутқро номбар кунед.




http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 38.** Саволҳои поёниро хонед ва ба онҳо ҷавоб ёбед. Аз рӯйи ҷавоби худ навъи нутқро номбар кунед.

1. Тирамоҳ аз кадом моҳҳо иборат аст?
2. Баргҳои дарахтон дар кадом фасл зард шуда ба замин мерезанд?
3. Баъд аз фасли тирамоҳ кадом фасл меояд?
4. Дар кадом фасл барф мебораду ҳаво хунук мешавад?
5. Як сол аз чанд фасл иборат аст?
6. Гули муждарасони фасли баҳор чӣ ном дорад?
7. Суманак ба муносибати кадом ид пухта мешавад?
8. Фасли тобистон аз кадом вақт сар мешавад?



**Машқи 39.** Аз рӯйи расми поёнӣ 7—8 ҷумла тартиб дода, фикратонро хаттӣ баён кунед. Гӯед, ки матни тартибдодаатон чӣ гуна нутқро дарбар мегирад.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 40.** Матни поёниро хонед ва мазмунашро фаҳмонед. Гӯед, ки фикри аз рӯйи мазмуни матн баёншуда чӣ гуна нутқро ташкил медиҳад?

Буд, набуд як деҳқон буд, деҳқони бенавою камбағал буд, аз саҳар то шаб меҳнат карда, бо сад азоб рӯз мегузаронид.

Рӯзе ҷуфт ронда истода буд, ки ногаҳон аз таги хок як кӯзаи зар баромад. Деҳқон хурсанд шуда, кӯзаро гирифта бурда дар ҷойи дилаш пур мешудагӣ пинҳон кард.

Ҳамин вақт саворе намоён шуд. Деҳқон фикр кард, ки агар ин одам кӯзаро дида бошаду рафта ба подшоҳ гӯяд, подшоҳ бо ӯ зарро тақсим мекунанд.

Деҳқон савораро чеғ зад. Савора пеши ӯ омада салом дода, гуфт:

— Хӯш, бародар, чӣ гап дорӣ, ки маро аз роҳам доштӣ?

Деҳқон дар дилаш гуфт: «Надида будааст, беҳуда чеғ задам, намегӯям, ба роҳаш равад» … .

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*



1. Нутқ чист?
2. Нутқ чӣ гуна навъҳо доштааст?
3. Чӣ гуна нутқро нутқи шифоҳӣ (даҳонӣ) меноманд?
4. Нутқ аз чиҳо таркиб меёбад?
5. Чӣ гуна нутқро нутқи хаттӣ меноманд?



**Машқи 41.** Дар мавзӯи «**Фасли тирамоҳ**» бо навиштани 5—6 ҷумла фикратонро баён кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 13. МАТН



Ҷумлаҳое, ки фикрҳои алоқамандро ифода мекунад, **матн** меноманд.

Матн ҳаҷман хурд ва калон мешавад.

Матн намуди нутқи хаттӣ буда сарлавҳа дорад. Сарлавҳа бо назардошти мазмуни матн интихоб мегардад.

**Машқи 42.** Матнро хонед ва аз чанд ҷумла иборат буданашро гӯед.

САГ ВА ЗОҒ

Зоғе ба думи саг нӯл зад. Саг устухон мехоид. Ду зоғи дигар парида омад. Зоғҳое, ки парида омаданд, устухонро ба нӯлашон гирифта париданд. Саг аз ақиби зоғҳо аккос зада монд.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 43.** Матнро хонед ва ба саволҳои поёнӣ ҷавоб ёбед.

## КИРМАК

Кирмак бисёр кирми фоиданок аст. Хӯроки он барги тут мебошад. Кирмак баъд аз калон шудан аз даҳонаш нах мебарорад. Аз нахҳо хона месозад. Охир кирмак дар даруни хона, ки онро мардум хонапилла меноманд, мемонад. Пилларо меҷӯшонанд, абрешими вайро мегиранд. Аз абрешим ҳар хел шоҳӣ, атлас ва дигар чизҳо мебофанд.

*М. Ҳоҷиматов*



1. Кирмак чӣ гуна кирм аст?
2. Кирмак баъд аз калон шудан аз даҳонаш чӣ мебарорад?
3. Кирмак аз нахҳо чӣ месозад?
4. Хонаи кирмакро мардум чӣ мегӯянд?
5. Абрешими пилла чӣ тавр гирифта мешавад?
6. Аз абрешим чӣ гуна чизҳо мебофанд?

**Машқи 44.** Расмро аз назар гузаронед ва ба он сарлавҳа интихоб кунед.





http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Матн чист?
2. Матн ҳаҷман чӣ гуна мешавад?
3. Ба матн чӣ интихоб карда мешавад?

**Машқи 45.** Тахти сарлавҳаи «**Китобхонаи мактаби мо**» матн тартиб диҳед, ки аз 7—8 ҷумла иборат бошад.

## Дарси 14. МАШҚИ ХАТ. ХУШХАТ НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ ХУРДИ ДАР МОБАЙНИ ҚАТОРУ АЗ ҚАТОР ПОЁН НАВИШТАШАВАНДА

**Супориши 1.** Ҳарфҳои хурди дар мобайни қатору аз қатор поён навишташавандаро ба дафтар дар қаторҳои алоҳида хушхат нависед.

д, з, қ, р, у, ф, ҳ, ҷ.

**Супориши 2.** Ҳарфҳои хурди дар мобайни қатору аз қатор поён навишташавандаро дар аввал, мобайн ва охир кор фармуда калимаҳое нависед, ки ном ва адади предметҳоро ифода карда бошад.

Намуна: Тошканд, метро, истгоҳ, 2019, синфи сеюм, баҳои панҷ, асри XXI.

**Супориш.** Ном ва аломатҳои шартии воҳидҳои таркиби калимаро дар хотир нигоҳ дошта ҷадвалро бетағйир ба дафтар кӯчонед.

http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАРКИБИ КАЛИМА




## Дарси 15. РЕША



Қисми маънодори калима **реша** номида мешавад.

Решаи калима бо гузоштани аломати ◠ муайян карда мешавад.

Мисол: ватандӯст, себзор, гандумак.

**Машқи 46.** Ба намуна нигоҳ карда решаи калимаҳоро муайян кунед ва ба дафтар нависед:

Хилватгоҳ, хатарнок, хонача, дилкушо, машваратгоҳ, меванок, маҷлисафрӯз, дастгоҳ.

Намуна: хилват + гоҳ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 47.** Решаи калимаҳоро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед.

Челонгар, оҳангар, сангин, рангин, хушманзара, биноҳо, қуттича, паррандагон, ҳайвонот, варзишхона, бақувват

Намуна: оҳангар.

**Машқи 48.** Шеърро хонед, калимаҳои бо ранги сиёҳ навиштаро ба дафтар кӯчонед. Сипас решаи калимаҳоро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед.

## ГАРДАМ САРАКИ ДОДОМ

**Олуча** гули бодом,
Ман **духтараки** додом.
Додом мана нағз бинад,
Гардам **сараки** додом.
Олуча гули бодом.
Ман духтараки додом.
Додом, ки ба боғ ояд,
Ман дум-**думаки** додом.
Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом.
Додом мана гум кунад,
Ман дар **бараки** додом.

*Аз «Тазкираи адабиёти бачагон»*



1. Қисми маънодори калима чӣ ном дорад?
2. Решаи калима бо гузоштани чӣ гуна аломат муайян карда мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Аломати шартии асос чӣ гуна аст.
4. Пешванд аз пасванд чӣ фарқ дорад?

**Машқи 49.** Бо гузоштани аломати шартӣ решаи калимаҳоро муайян намоед.

Ниҳолшинон, ниҳолпарвар, ҳафтранг, ҷигарранг, нонсандуқ, пурганҷ.

Намуна: гилемфурӯш.

## Дарси 16. КАЛИМАҲОИ ҲАМРЕША



Калимаҳое, ки решаи якхела доранд, калимаҳои **ҳамреша** ном доранд. Мисол: меҳмон, меҳмондор, меҳмондорӣ, меҳмондӯст, меҳмондӯстӣ, меҳмоннавоз, меҳмоннавозӣ, меҳмонсарой, меҳмонхона, меҳмонӣ.

**Машқи 50.** Бо гузоштани аломати шартӣ решаи калимаҳои ҳамрешаро муайян кунед.

Лолазор, лолагун, лоларанг
Луғатдон, луғатнома, луғатсоз
Ҷаҳондор, ҷаҳоноро, ҷаҳонтоб, ҷаҳонпаҳлавон

Намуна: камонабрӯ, камондор, камонча, камонандоз, камоншакл.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 51.** Ба ҷойи нуқта калимаи **мева**-ро гузошта калимаҳои ҳамреша созед ва фарқияташонро гӯед.

...диҳанда, ...парвар, ...супорӣ, ...тайёркунӣ, ...фурӯш, ...хушкунак, ...қаламкунак, ...ғундорӣ

**Машқи 52.** Баъд аз калимаҳои **даст, забон** калимаҳои поёниро илова карда калимаҳои ҳамреша созед.

Банд, дароз, кӯтоҳ, омӯз, овез, хат, дон, фурӯш, зад, гир.

Намуна: дастхат, забондон.



**Машқи 53.** Аз рӯйи аломатҳои шартӣ калимаҳои ҳамреша нависед.

1. Чӣ гуна калимаҳоро калимаҳои ҳамреша меноманд?
2. Фарқи калимаҳои ҳамреша аз дигар калимаҳо дар чист?

**Машқи 54.** Реша ва пасвандҳои калимаҳоро бо аломатҳои шартӣ муайян кунед.

Зардӯз, зардча, зардчатоб, зарпараст, заршинос, заргудоз, зардгун, зардак, зардина, зардинарӯ, зардпӯст, зардранг.

http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 17. ПЕШВАНД



Воҳиди калимасозе, ки пеш аз решаи калима навишта мешавад, **пешванд** ном дорад.

**бе-, бо-, ба-, би-, бу-, то-, на-, но-, ҳам-** пешвандҳои забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

⌐ аломати шартии пешванд мебошад. Бо ҳамин аломат пешванд муайян карда мешавад.

**Машқи 55.** Ба ҷойи нуқта пешвандҳои мувофиқро ёфта гузоред.

...савод, ...маҳорат, ...обрӯ, ...саховат, ...маданият

**Пешвандҳо барои истифода:** бо-, ба-, бе-

**Машқи 56.** Пешвандҳои дар даруни ҳалқа дода шударо пеш аз калимаҳо илова намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.




http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 57.** Ба ҷойи нуқта пешванди «**но-**»-ро гузошта, калимаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

...илоҷ, ...инсоф, ...кас, ...ком, ...мард, ... мафҳум, ...маълум

**Машқи 58.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Чист, минқори ӯст чун лаклак,
Ҳар ду поҳои ӯст чун айнак.
Нофи ӯ аз пас, ҳам аз пеш,
Вақти хӯрдан ҳамекунад чақ-чақ.



**Машқи 59.** Аз рӯйи аломатҳои шартӣ мисолҳо нависед.





1. Воҳиди калимасозе, ки пеш аз решаи калима навишта мешавад, чӣ ном дорад?
2. Пешоянд аз пасоянд чӣ фарқ дорад?
3. Ҷойи пешванд дар таркиби калима дар куҷост?



**Машқи 60.** Даҳто калима нависед, воҳидҳои таркиби калимаро муайян намоед.



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 18. ПАСВАНД



Воҳиди калимасозе, ки пас аз решаи калима навишта мешавад, **пасванд** ном дорад.

Дар забони тоҷикӣ пасвандҳо миқдоран хеле бисёранд. Баъзе аз онҳо: **-ҳо, -он, -гон, -чӣ, -гар, -зор, -сор, -истон, -ӣ, -ин, -гӣ**.

^ аломати шартии пасванд мебошад. Аломати мазкур дар вақти муайян кардани пасванд дар болояш гузошта мешавад.

**Машқи 61.** Бо рӯбардоркунӣ ба дафтар ва гузоштани аломатҳои шартӣ реша ва пасвандҳои калимаҳоро муайян кунед.

Маданиятнок, ноқзор, мевадор, сафедча, сафедчатоб, сафолак, меванок, меҳмондор, меҳмонӣ, меҳрнок, ниҳолзор, саҳмнок, қуттича, ҳавзча.

**Машқи 62.** Ба номи расми поёнӣ пасвандҳои додашударо илова карда, калима созед. Фарқи маънои он калимаҳоро гӯед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 63.** Аз рӯйи аломатҳои шартӣ мисолҳо нависед.





1. Воҳиди калимасозе, ки пас аз решаи калима навишта мешавад, чӣ ном дорад?
2. Пасванд одатан баъд аз чӣ меояд?
3. Пасванд чӣ гуна аломати шартӣ дорад?



**Машқи 64.** Пас аз калимаҳо пасвандҳои омӯхтаатонро истифода бурда мисолҳо нависед.

## Дарси 19. БАНДАК



Ҳиссаи ёрирасоне, ки баъд аз реша ё асос меояд, ***бандак*** ном дорад.

Бандакҳо гуногуннавъ мешаванд: бандаки изофӣ (и), бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ (**-ам, -ат, -аш; -амон, -атон, -ашон**), бандакҳои феълӣ (**-ам, -ӣ; ем, -ед, -анд**), бандакҳои хабарӣ (**-ам, -ӣ, -аст; ем, -ед, -анд**).

 аломати шартии бандак мебошад.

**Машқи 65.** Бо аломати шартӣ реша ва бандакҳои калимаҳоро муайян кунед.

Китобам, омаданд, мактабамон, рафтем, қаламатон, нишастем, гуфтӣ.

Намуна: модар амон.

http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 66.** Аз рӯйи нақша ва аломатҳои шартӣ мисолҳо нависед.



**Машқи 67.** Ба ҷойи нуқта бандакҳои мувофиқро нависед.

Фармуд..., деҳа ..., давид ..., қалам ..., нишаст...



1. Бандак чист?
2. Бандак чӣ гуна навъҳо дорад?
3. Бандак баъд аз кадом воҳидҳои таркиби калима меояд?



**Машқи 68.** Даҳто калима нависед, ки дар таркиб бандак дошта бошад.

## Дарси 20. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 69—72

**Машқи 69.** Бо гузоштани аломати шартӣ решаи калимаҳои ҳамрешаро муайян кунед.

Сарҳат, сарчашма, саҳифабанд, сершир, сербориш, хушфеъл, хушхабар, хушхат, хушҳол, хӯрокпаз, қандфурӯш, қаноатбахш.

Намуна: хушфеъл, хушхабар.

http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 70.** Аз рӯйи аломатҳои шартӣ  мисолҳо нависед.



Намуна: ҳамсоя, барҳаво, гулзор, шабистон

**Машқи 71.** Аз рӯйи расм номи воситаҳои алоқаро нависед.




**Машқи 72.** Аз рӯйи аломатҳои шартӣ  мисолҳо нависед.



Намуна: дониш и хуб, ба бародар ам, тез кор

## Дарси 21. ТАКРОРИ ТАРКИБИ КАЛИМА



### ТЕСТ

**1. Реша, асос, пешванд, пасванд ва бандак якҷоя чиро ташкил медиҳанд?**

а) ҳиссаҳои нутқро
б) ҷумларо
в) таркиби калимаро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**2. Маънои калимаро кадоме аз воҳидҳои таркиби калима дар бар мегирад?**

а) реша б) пешванд в) пасванд

**3. Воҳидҳои таркиби калимае, ки пеш аз реша омадаанд, чӣ ном доранд?**

а) пасванд б) пешванд в) бандак

**4. Дар кадом қатор пасвандҳо навишта шудааст?**

а) бе-, бо-, ба-, би-, бу-, то-, на-, но-, ҳам-
б) -ҳо, -он, -гон, -чӣ, -гар, -зор, -сор, -истон, -ӣ, -ин, -гӣ
в) -ам, -ат, -аш; -амон, -атон, -ашон, -ам, -ӣ; ем, -ед, -анд, -аст

**5. Калимаҳои ҳамрешаро муайян кунед.**

а) худомӯз, худписанд, худбин
б) чорбоғ, деҳқон, чодирдӯз
в) чобук, зирак, тавоно

## Дарси 22. НАҚЛИ ХАТТӢ АЗ РӮЙИ РАСМ ВА МАТН

**Супориши 1.** Расмро аз назар гузаронида матни дар зери он навиштаро хонед ва ба он сарлавҳа интихоб кунед.

**Супориши 2.** Аз рӯйи мазмуни матн нақшаи нақли хаттиеро, ки навиштанӣ ҳастед, тартиб диҳед.

**Супориши 3.** Матни нақли хаттии навиштаатонро бо иҷозати муаллим ба ҳамсинфонатон хонда диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Супориши 4.** Аз рӯйи супориш ва тавсияҳои муаллим хатоҳои имлоии содиркардаатонро ислоҳ кунед.



Рӯзе аз рӯзҳо як хирс бо деҳқоне ошно шуд ва онҳо маслиҳат карданд, ки ҳамроҳ шалғам коранд. Деҳқон гуфт:

— Хирсҷон, решаи шалғамро ман мегирам, баргашро ту.

Ҳосили фаровон рӯйид.

Деҳқон мувофиқи шарти кардааш решаҳои шалғамро худаш гирифту ба хирс баргҳояшро дод. Хирс каме ғинг-ғинг кард, аммо аз рӯйи шарти дар байн гузоштаи деҳқон ҳеҷ чиз гуфта натавонист.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Соли дигар деҳқон ба хирс гуфт:

— Биё, боз ҳамроҳ ягон чиз корем.

— Майлаш! Фақат ин дафъа баргҳоро худат гиру ба ман решаашро деҳ, — шарт кард хирс.

— Хуб, — гуфт деҳқони гапдаро. — Майлаш, гуфтаи ту шавад.

Онҳо гандум кориданд. Ҳосили фаровон рӯйид. Деҳқон сари гандумро гирифт, хирс бошад, решаҳои онро.

Аз ҳамин вақт ин ҷониб дӯстии хирсу деҳқон барҳам хӯрд.

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*

## ҲИССАҲОИ НУТҚ



Исм, сифат, феъл, шумора, ҷонишин **ҳиссаҳои нутқ** ба шумор мераванд.

## ИСМ

### Дарси 23. ИСМ



Ҳиссаи нутқе, ки номи предметҳо: одамон, паррандаю ҳайвонҳо, рӯзномаю маҷаллаҳо, кӯчаю деҳаҳо, ноҳияву шаҳрҳо, ҳавзаҳою дарёҳо, ағбаҳо ва ғайраро ифода карда ба саволҳои **кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо?** ҷавоб мешавад, **исм** ном дорад. Мисол: 1. Чашмони Зебӣ ва Зубайда аз шодӣ медурахшиданд. 2. Дар боғ себ, нок, анор, олу ва ангур мерӯяд.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 73.** Калимаҳоро хонед, исмҳои ифодакунандаи номи рӯзнома ва маҷаллаҳоро муайян карда, ба дафтар нависед.

Тошканд, шаҳр, «Чашма», рӯзнома, «Овози тоҷик», маҷалла, Чашмаи Аюб, Арк, Регистон, Шаҳристон, Аму, Сӯх, Чуст, садбарг, булбул, гул, Сариосиё, «Истиқбол», «Фирӯза», «Овози Самарқанд», «Бухорои Шариф», Ҳисорак, Синтаб.

**Машқи 74.** Ҷадвалро аз назар гузоронед ва ба ҳар як саволҳои исм 4-тогӣ мисол нависед.




**Машқи 75.** Тез ва бурро хондани тезгӯякро машқ кунед.

Ҷӯҷа дар ҷӯча,
Ҷӯҷа дар кӯча.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



1. Исм чист?
2. Исм чиро ифода мекунад?
3. Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?



## ТЕСТ

**1. Исм, сифат, феъл, шумора, ҷонишин чӣ ба шумор меравconfiguration?**

а) ҳиссаҳои нутқ
в) ибора
б) ҷумла

**2. Номи шаҳрҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар кадом қатор навишта шудааст?**

а) Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Гулистон, Ҷиззах, Фарғона, Андиҷон, Намангон, Сирдарё, Навоӣ

б) Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон

в) заргарон, челонгарон, чармфурӯшон, телпакдӯзон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 24. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 76—77

**Машқи 76.** Дар катакчаҳои холӣ исмҳоро нависед.

| Номи паррандаҳо | Номи ҳайвонҳо | Номи кӯчаҳо | Номи деҳаҳо | Номи шаҳрҳо |
|---|---|---|---|---|
| гунҷишк | оҳу | Заргарон | Қалъа | Фарғона |
| кабӯтар | шер | Кафшдӯзон | Ҷӯи нав | Намангон |
| | | | | |



**Машқи 77.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Аз кӯҳ фаромад мири фаш-фаш,
Дар сар кулоҳ, ҷома мунаққаш.



## Дарси 25. САВОЛҲОИ ИСМ



Исм ба саволҳои **кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?** ҷавоб мешавад. Саволи **кӣ? киҳо?** нисбат ба предметҳои шахс саволи **чӣ? чиҳо?** нисбат ба предметҳои ғайришахс кор фармуда мешавад. Мисол: Фарзона — кӣ?, ҳунармандон — киҳо?, парасту — чӣ?, паррандаҳо — чиҳо?

**Машқи 78.** Исмҳоро аз рӯйи саволҳояшон дар алоҳидагӣ ба дафтар нависед.

Саъдӣ, шоир, гулзор, ақл, Ҳофиз, Ҷомӣ, истеъдод, офтоб, Сино, табиб, Айнӣ, нависан-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

да, Дониш, моҳ, Лоиқ, афсона, Гулрухсор, Фарзона, нон, мӯр, атр.

Намуна: Саъдӣ — кӣ?
акл — чӣ?

**Машқи 79.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Нохунаш чун нохуни шеру паланг,
Тоҷи шохӣ бар сараш ҳангоми ҷанг.





1. Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
2. Чӣ гуна исмҳо ба саволи кӣ? ҷавоб мешавад?
3. Саволи чӣ? ба чӣ гуна предметҳо гузошта мешавад?



## ТЕСТ

**1. Саволҳои хоси исмро муайян кунед.**

а) кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо?
б) чӣ хел? чӣ гуна?
в) чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?

**2. Дар кадом банд исмҳои ба саволи кӣ ҷавобшаванда навишта шудааст?**

а) рӯбоҳ, гург, шер, паланг
б) мурғ, саг, гӯсфанд, харгӯш
в) Шоҳин, Мирсаид, Гулчеҳра



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 26. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 80—81

**Машқи 80.** Ҷумлаҳоро хонед ва чӣ гуна номҳоро ифода карданд, муайян намоед.

1. Дарёи **Аму** ба баҳри **Арал** мерезад, оби — **Сирдарё** ҳам ба он ҷо мерезад. 2. Шаҳри **Тошканд** пойтахти Ҷумҳурии **Ӯзбекистон** аст. 3. Дарёи **Кофарниҳон** шохоби дарёи **Аму** мебошад. 4. **Садриддин Айнӣ** солҳои бачагии худро дар «**Мактаби кӯҳна**» ном асари худ ҳикоя кардааст. 5. «**Бӯстон**» ва «**Гулистон**» асарҳои машҳури **Саъдии Шерозӣ** мебошанд. 6. **Эраҷ** дар аспдавонӣ ва тирандозӣ ҳам ҷойи якумро гирифт.

**Машқи 81.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Банди дарози дилрабо,
Меравад гирди дунё.



## Дарси 27. САВОЛҲОИ ИСМ: КИҲО? ЧИҲО?



Исм ба саволҳои **киҳо? чиҳо?** низ ҷавоб мешавад. Мисол: хонандагон — киҳо?, кӯҳҳо — чиҳо?

**Машқи 82.** Исмҳоро аз рӯйи тартиби саволҳояшон ба дафтар нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шамъдон, қаламдон, бузургон, дафтарҳо, табибон, муаллимон, санъаткорон, писарон, мутрибон, наққошон, қаторҳо, китобҳо, дарёҳо.

**Машқи 83.** Дар катакчаҳои холии ҷадвал исмҳо нависед.

| киҳо? | чиҳо? |
|---|---|
| | |
| | |



1. Исм ғайр аз саволҳои кӣ? чӣ? боз ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
2. Саволи киҳо? нисбати чӣ гуна предметҳо кор фармуда мешавад?
3. Саволи чиҳо? нисбати чӣ гуна предметҳо кор фармуда мешавад?

## Дарси 28. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 84—85

**Машқи 84.** Исмҳоро аз рӯйи тартиби саволҳо ба дафтар дар алоҳидагӣ нависед.

Пахта, чинакчиён, пешқадам, қаторҳо, тарозу, тарозубон, майдон, фермер, пунба, музд, пул, маълумотнома, донишҷӯён, санъаткорон, раққосон, посбонон, пиёдагардон.

**Машқи 85.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Об дар об чӣ бошад,
Ҳавзи гулоб чӣ бошад?
Оташ расад, ях кунад,
Ба ин ҷавоб чӣ бошад?





http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарсҳои 29—30. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарси 31. ИСМҲОИ ХОС ВА ҶИНС



Исмҳое, ки бо ҳарфи калон навишта мешаванд, **хос** ном доранд. Сарҳарфи исмҳои хос ҳамеша калон навишта мешавад. Мисол: 1. Кӯдаки навзодро **Гулмоҳ** ном ниҳоданд. 2. **Симак** шод шуда, ба сӯйи лонааш парида рафт.

Дар мисоли якум Гулмоҳ (кӣ?), дар мисоли дуюм Симак (чӣ?) исми хос мебошад.

Номи одамон, шаҳрҳо, рӯзномаю маҷалла, кишварҳо, паррандаҳо, ҳайвонот исмҳои хос ба шумор мераванд.

Исмҳое, ки номи ашёҳои ҳамҷинсро мефаҳмонанд, **ҷинс** номида мешаванд.

Масалан, номи гурӯҳи мардум: талаба, деҳқон, зан; номи ҳайвоноту парандагон: асп, саг, мурғ.

**Машқи 86.** Ҷумлаҳоро хонед, исмҳои хоси бо ранги сиёҳ навиштаро ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Маро **Сангиосиёбардор** мегӯянд. 2. Ман ба ҷанги **Салимпаҳлавон** рафта истодаам. 3. Эй **Фариштамоҳи** зебову доно, шумо, гӯш кунеду ҷавоб гӯед. 4. — Бобо, устохонаи хуб доштаед, акнун рафта аз **Сурхкӯҳу Зардкӯҳу Сияҳкӯҳ** якхарӣ хок биёред. 5. **Хайбар** саги вафодор аст. (*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*)



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE
http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 87.** Аз ҷумлаҳои зерин исмҳои хос ва ҷинсро муайян кунед.

1. Сотим Улуғзода дар деҳаи Варзики вилояти Намангон таваллуд шудааст. 2. Саодат Пӯлодова донишомӯзи синфи сеюм аст. 3. Деҳқонон аз киштукор баргаштанд. 4. Духтарон бо либосҳои зебо ба тантана тайёр шуданд.



1. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои хос меноманд?
2. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои ҷинс меноманд?

## Дарси 32. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 88—89

**Машқи 88.** Хонед ва номбар кунед, ки исмҳои хос чӣ гуна номҳоро ифода кардааст?

1. «**Ҳафтяк**»-ро тамом кардам, чанд сураҳои кӯтоҳи онро ҳам аз ёд кардам, «**Қуръон**»-ро ба поён расондам. 2. «**Чоркитоб**»-ро ҳам хондам, қадре аз Хоҷа Ҳофиз ҳам хондам. 3. Дар он тарафи ҷӯйи **Мазрангон** ва канори деҳа майдони фарохи нишебе буд, ки то лаби дарёи **Зарафшон** сарозер мерасид. 4. Он ҳикояти бобом, сайри **Нурато**, қасам додани подшоҳи аҷинагон. 5. Як шаби тобистон дар **Бухоро**, дар сари гулзори мадрасаи **Бадалбек Аҳмад** бо чанд муллобачагон нишаста буд.

*Аз ҳикояҳои Садриддин Айнӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 89.** Порчаи шеърро хонед, исмҳои хос ва саволҳояшонро муайян кунед.

**Ҳисору Регаку Дарвоз** дорад,
Дари бар рӯйи олам боз дорад.
На танҳо нози **Синтаб** кӯҳу чашмаст,
Ки ҳам бо аҳли аҳлаш ноз дорад.

*Абдулло СУБҲОН*

## Дарси 33. МАШҚИ ХАТ. НАВИШТАНИ ИСМҲОИ ХОС

**Супориши 1.** Дар каторҳои алоҳида хушхат на-висед.

Тошканд, Фарғона, Андиҷон, Наманган, Қашқадарё, Сирдарё, Ҷиззах, Самарқанд, Навоӣ, Бухоро, Хоразм.

**Супориши 2.** Фикр карда дахто исмҳои хос нависед.

## Дарси 34. МАШҚИ ХАТ. НАВИШТАНИ ИСМҲОИ ҶИНС

**Супориши 1.** Дар каторҳои алоҳида хушхат нависед.

Кӯча, гузар, деҳа, ноҳия, шаҳр, рӯзнома, асар, хонанда.

**Супориши 2.** Исмҳои хос ва ҷинс нависед.

Намуна: Мунаввар — мунаввар, Ситора — ситора.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 35. ТАРТИБ ДОДАНИ МАТН АЗ РӮЙИ РАСМ



**Супориши 1.** Ба расм сарлавҳа ва ба одамону предметҳо ном интихоб кунед.

**Супориши 2.** Фикратонро аз рӯйи расм баён карда матн тартиб диҳед.

**Супориши 3.** Баъд аз навишта шудани матн бо иҷозати омӯзгор ба шарикдарсонатон хонда диҳед.

**Супориши 4.** Ба зери исмҳои хос як хати рост ва ба зери исмҳои ҷинс хати мавҷнок кашед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 36. ТАКРОРИ ЧОРЯКИ ЯКУМ



## ТЕСТ

**1. Қатори ҳарфҳои садонокдорро муайян кунед.**

а) я, ю, ё, е
б) а, о, у, ӯ, и, э
в) б, в, г, ғ, д, ж, з

**2. Ҳарфҳои баландтару озод талаффузшаванда чӣ ном дорад?**

а) ҳамсадо б) ётбарсар в) садонок

**3. Шумо медонед, ки овозҳои нутқ ба ду гурӯҳ: садонокҳо ва ҳамсадоҳо тақсим мешаванд. Дар кадом банд ҳамсадоҳо навишта шудааст?**

а) б, в, г, ғ, д, ж, з, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш
б) я, ю, ё, е
в) а, о, у, ӯ, и, э

**4. Дар алифбои забони тоҷикӣ чандто ҳарф ҳаст?**

а) 29-то б) 35-то в) 39-то

**5. Калимаҳои ифодакунандаи номи предметҳоро муайян кунед.**

а) синф, мактаб, хона
б) тоза, нав, зебо
в) даромад, сар шуд, механад



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**6. Кадоме аз онҳо аломати предметро ифода мекунад?.**

а) васеъ, сурх, дилнишин
б) ман, ту, вай
в) сӣ, панҷоҳ, сад

**7. Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметро муайян кунед.**

а) бо-, ба-, бе-, то-
б) машқ, супориш, вазифа
в) омад, рафт, нишаст

**8. Калимаҳое, ки решаи якхела дорад, чӣ ном дорад?**

а) калимаҳои ҳамреша
б) калимаҳои гуногунреша
в) калимаҳои ихтисоршуда

**9. Дар кадом банд воҳидҳои таркиби калима навишта шудааст?**

а) овоз, ҳарф, ҳиҷо, калима
б) ибора, ҷумла, нутқ, матн
в) реша, асос, пешванд, пасванд, бандак

## Дарси 37. ҲАРФИ КАЛОН ДАР АВВАЛИ ИСМҲО

**Машқи 90.** Хонед ва исмҳои хосро муайян намоед.

Чу Дониш, Ал-Бухорӣ, Ибн Сино,
Бузургонро макон астӣ Бухоро.

*Асад ГУЛЗОДА*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 91.** Калимаҳоро хонед, ҳарфи аввалинашонро ба ҳарфи калон баргардонида нависед ва фарқияташонро гӯед.

Наврӯз, муборак, маърифат, дониш, хуршед, ҷамол, райҳон, лола, савсан, садаф, ситора.

Намуна: Лола — лола

## Дарси 38. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 92—93

**Машқи 92.** Матнро хонед ва бо сабаби бо ҳарфи калон навишта шудани калимаҳои «Саг», «Бузаки Ҷингилапо»-ро гӯед.

... Рӯзе Саге аз пеши хонаи Бузаки Ҷингилапо мегузашт, ки овози Бузакро шунид. Бузак дари хонаашро тақ-тақ карда гуфт:

— Алӯлакам, Булӯлакам, Болошинакам, Таҳшинакам дарро кушоетон! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам.

Бузичаҳо дарро кушоданд. Бузак ба хонааш даромад. Саг рӯзи дигар омада, худро нишон надода, поида истоду ҳамин, ки Бузак баромада рафт, омада, дари хонаро тақ-тақ зада гуфт:

— Алӯлакам, Булӯлакам, Болошинакам, Таҳшинакам дарро кушоетон! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам.

Таҳшинак гӯш кард, ки овозаш овози очааш не.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

— Ту очаи мо нестӣ, — гуфт, — очаи мо ҳоло рафту зуд намеояд. Рав, беҳуда овора нашав!

Саг ноумед шуда рафт...

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**Машқи 93.** Аз эҷодиёти шоирони дӯстдоштаатон порчаҳои шеърӣ интихоб кунед, ки он дар таркиб исмҳои хос дошта бошад.

Намуна:

Синтаб, Синтаб, диёри зебо Синтаб,
Як деҳаи тоҷикони дунё Синтаб.
Дар рӯйи харита гарчи з-ӯ нест нишон,
Дар синаи ҳар зодаи худ ҷо Синтаб.

*Абдулло СУБҲОН*

## Дарси 39. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 94—95

**Машқи 94.** Калимаҳоро хонед ва онҳоро ба исмҳои танҳо баргардонда нависед.

Ҳамватанон, ҳамсолон, алломаҳо, пешқадамон, далерон, ростқавлон, аълочиён, буздилон, харгӯшҳо, ҳозирҷавобон.

Намуна: алломаҳо — аллома.

**Машқи 95.** Порчаи шеъриро хонед, исмҳои хосро муайян карда, ба онҳо саволи мувофиқ гузоред.

Себи сурхи Самарқанд,
Рашки наботу сарқанд.

Дидаи биноӣ ту,
Ворисӣ Синоӣ ту.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 40. ИСМҲОИ ТАНҲО



Исме, ки ҷамъи предметҳоро ифода намекунад, исми **танҳо** ном дорад.

**Машқи 96.** Ҷумлаҳоро ба таври муқоиса хонед ва пасвандҳои ҷамъсозро номбар кунед.

| **Исмҳои танҳо ва ҷамъ** | |
|---|---|
| **Мева** пухт. | **Меваҳо** пухтанд. |
| **Мусича** парид. | **Мусичаҳо** париданд. |
| **Булбул** месарояд. | **Булбулон** месароянд. |
| **Гӯсфанд** фарбеҳ шуд. | **Гӯсфандон** фарбеҳ шуданд. |
| **Бузғола** бозӣ мекунад. | **Бузғолагон** бозӣ мекунанд. |
| **Сайёд** моҳӣ дошт. | **Сайёдҳо** моҳӣ доштанд. |



**Машқи 97.** Ҷадвалро ба дафтар кашида, ба катакчаҳои холӣ исмҳои танҳо нависед.

| **Номи ҳайвонот** | **Номи паррандаҳо** | **Номи гулҳо** | **Номи меваҳо** |
|---|---|---|---|
| оҳу | булбул | пудина | анор |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 41. ИСМҲОИ ҶАМЪ



Исме, ки бисёрии предметҳоро ифода мекунанд, исми **ҷамъ** ном дорад. Мисол: чистонҳо, афсонаҳо, тезгӯякҳо, падарон...

**Машқи 98.** Аз матн исмҳои ҷамъро муайян карда, онҳоро дар шакли танҳо нависед.

ОБ

Об дар ҳаёти инсон, ҳайвон ва растаниҳо зарур аст. Одамон аз обҳои чашмаҳо, ҷӯйҳо, дарёҳо, наҳрҳо фоида мебаранд. Ба воситаи об шаҳрҳои нав бино мегарданд, дашту саҳроҳо, боғу сабзавотҳо обёрӣ карда мешаванд. Бо қувваи об осиёҳо ба кор медароянд. Дар баҳрҳо, дарёҳо киштиҳо мегарданд. Об барои ҳаёт зарур мебошад.

Намуна: растаниҳо — растанӣ.



**Машқи 99.** Исмҳои танҳоро ба исмҳои ҷамъ баргардонда нависед.

Лӯхтак, бозича, мошинча, шакар, қошуқ, коса, кафгир, абр, Ҳофиз.

Намуна: Ҳофиз — ҳофизон.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 42. ПАСВАНДҲОИ ҶАМЪСОЗИ -ҲО, -ГОН, -ОН



Пасвандҳои **-ҳо, -гон, -он** исмҳои ҷамъ месозанд.

**Машқи 100.** Исмҳои бо пасвандҳои ҷамъбандии **-ҳо, -гон, -он** навиштаро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед:

Омӯзгорон, зимистон, баҳор, заргарон, челонгарон, нонвойҳо, ангурҳо, гургон, гӯсфандҳо, чӯпонҳо, саҳро, дашт, биёбон.



**Машқи 101.** Чистонҳоро хонед ва ҷавобашро гӯед.

Ҳаст болаш, намекунад, парвоз.
По надорад, вале равон дартоз.





Чист он лӯъбати писандида,
Атласи бешумор пӯшида.

## Дарсҳои 43—45. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарси 46. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 102—103

**Машқи 102.** Матнро хонед, сифат ва ба кадом саволҳо ҷавоб шудани онҳоро муайян кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БАРФИ АВВАЛ

Дирӯз абрҳо осмонро пӯшиданд. Шамоли сахт вазид, баъд борон борид. Бегоҳӣ ҳаво бисёр хунук шуд. Шаби дароз барф борид, ҷӯйҳо ях бастанд. Бачагон баъд аз дарс дар майдони мактаб барфбозӣ карданд. Онҳо аз барф одам сохтанд. Одами барфин хеле зебо баромад. Чашмҳои одами барфинро аз ангишт сохтанд. Ба ҷойи бинӣ картошка монданд. Мӯи он аз шохи дарахт, дандонҳо аз сангча буд. Бачагон ба дасти одами барфин бел ва ҷорӯб доданд. Баъд аз бозӣ онҳо шоду хурсанд ба хона рафтанд.

**Машқи 103.** Ба расм сарлавҳа интихоб кунед. Баъд аз он матни аз 7—8 ҷумла иборат буда тартиб диҳед. Дар вақти тартиб додани матн пасвандҳои ҷамъбанди **-ҳо, -гон, -он** -ро истифода баред.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 47. ИСМҲОИ ҲАММАЪНО



Баъзе аз калимаҳои ифодакунандаи номи предметҳо исмҳои **ҳаммаъно** ва инчунин **муқобилмаъно** ба шумор меравbooанд.
Мисол: шамол – бод – насим (исмҳои ҳаммаъно), шодӣ – ғам (исмҳои муқобилмаъно).

**Машқи 104.** Аз калимаҳои додашуда исмҳои ҳаммаъноро муайян карда, ба дафтар кӯчонед.

Зоча — лӯхтак, тоза — соф — беғубор — зулол, гурба — пишак, хушбӯй — муаттар, каллапӯш — тӯппӣ — тоқӣ — кулоҳ, ғамгин — андӯҳгин, шикорчӣ — сайёд.



**Машқи 105.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба ҷойи нуқтаҳо исмҳои ҳаммаъноимувофиқро ёфта гузоред.

1. Зебӣ дар ҷояш шах шуда монда, ... аз дасташ ғалтида рафт. 2. Дар ин дам резаворфурӯш ба харидор чӣ будани ...ро фаҳмонида додан гирифт. 3. ...и сабуке мевазид ва ба димоғи кас як бӯйи хуши нозукеро меовард. 4. Ногоҳ ... и сахт вазид.

**Калимаҳо барои истифода:** шамол, лӯхтак, Бод, зоча

## Дарси 48. ИСМҲОИ МУҚОБИЛМАЪНО



Исмҳои **муқобилмаъно** аз исм ва ҳам аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба вуҷуд меоянд.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 106.** Аз силсилаи калимаҳо исмҳои муқобилмаъноро муайян карда, ба дафтар кӯчонед.

Хушбахтӣ — тирабахтӣ, кӯдак — бача — тифл, торикӣ — рӯшноӣ, чобукӣ — танбалӣ, чашм — дида — басар — наргис, тавоноӣ — нотавоноӣ, арча — бурс, доно — закӣ.

**Машқи 107.** Чорто ҷумла нависед, ки дар таркиб исмҳои ҳаммаъно дошта бошад.

**Машқи 108.** Фикр карда панҷто исмҳои муқобилмаъно нависед.

## Дарси 49. ПЕШВАНДИ ИСМСОЗИ ҲАМ-

**Машқи 109.** Дар катакчаҳои холии ҷадвал пешванд ва калимаҳоро дар якҷоягӣ нависед.

| Пешванд | Решаи калима | Калимаҳои ба вуҷуд омада |
|---|---|---|
| ҳам- | забон | ҳамзабон |
| | нишин | |
| | сӯҳбат | |
| | шаҳр | |
| | хона | |
| | овоз | |
| | соя | |
| | сухан | |
| | фикр | |



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 110.** Калимаҳои дар таркибашон пешванди **ҳам-** доштаро ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Қодир ҳамсояи мост. 2. Мо ба фикри онҳо ҳамроҳ шудем. 3. Ҳамроҳи нағз мебарад ба роҳи минбаъда. 4. Ман ба Раҳим ҳамсинф мебошам. 5. Онҳо ҳамқадам ҳастанд.

**Машқи 111.** Калимаҳои гуногунмаъно тартиб диҳед.

Намуна: ҳамхона.






**Машқи 112.** Даҳто калима нависед, ки он дар таркиб пешванди **ҳам-** дошта бошад.

## Дарсҳои 50—51. ТАКРОРИ ИСМ. САВОЛ ВА ТЕСТ



1. Исм чист?
2. Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Саволҳои кӣ? киҳо? нисбат ба чӣ гуна предметҳо корбаст мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE
http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. -ҳо, -гон, -он, -от, -ёт чигунагии исмҳоро ифода мекунад?
5. Ҳарфи аввалини исмҳои хос бо чӣ гуна ҳарф навишта мешавад?
6. Чӣ гуна номҳо исмҳои хос ба шумор меравconfigured?



## ТЕСТ

**1. Ҳиссаи нутқе, ки номи предметро ифода мекунад, чӣ ном дорад?**

а) исм б) сифат в) феъл

**2. Нисбати чӣ гуна предметҳо саволҳои кӣ? киҳо? кор фармуда мешавад.**

а) предметҳои ҷондори ифодакунандаи номи одамон
б) предметҳои ҷондори ифодакунандаи номи ҳайвонот ва паррандаҳо
в) предметҳои беҷон

**3. Исмҳои хосро муайян кунед.**

а) Сурхондарё, Бухоро, Самарқанд
б) деҳа, кӯча, гузар
в) тирамоҳ, зимистон, баҳор, тобистон

**4. Кадоме аз пасвандҳо исмҳои ҷамъ месозанд?**

а) -ҳо, -он, -гон
б) -зор, -истон
в) -чӣ, -гар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# СИФАТ

## Дарси 52. СИФАТ



Он ҳиссаи нутқе, ки аломати предметро ифода карда ба саволҳои **чӣ хел? чӣ гуна?** ҷавоб мешавад, **сифат** ном дорад.

Масалан: гули сурх, шамоли форам, дашти беканор.

**Машқи 113.** Ба ҷойи нуқтаҳо сифатҳои мувофиқро ёфта гузоред.

1. Диёри мо басе ... ва ... аст. 2. Оҳуча бо дандонҳои ... себаргаҳоро қитир-қитир мехӯрд. 3. Дар ҳавлии мо гулҳои ... шукуфтанд. 4. Хирси ... дар шимоли дур зиндагӣ мекунад. 5. Вай ҳайвони ... ва ... мебошад.

**Калимаҳо барои истифода:** зебо, дилписанд, тези нозук, хушбӯйи рангоранг, сафед, калон, боқувват.

**Машқи 114.** Дар катакчаҳои холии ҷадвал сифатҳоро нависед.

| Сифатҳои ифодакунандаи таъм | Сифатҳои ифодакунандаи ранг | Сифатҳои ифодакунандаи ҳаҷм |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 115.** Ҷадвалро аз назар гузаронед ва ба ҳар як саволҳои сифат сетогӣ мисол нависед.

**Сифат**

**Саволҳои сифат**

| **чӣ хел?** | **чӣ гуна?** |
| --- | --- |
| **ширин, сабз, нав, сахт.** | **нилгун, булӯрин, лоларанг.** |



1. Сифат чист?
2. Сифат ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Сифат чӣ гуна аломатҳои предметро мефаҳмонад?



## ТЕСТ

**1. Кадоме аз ҳиссаҳои нутқ аломати предметро ифода мекунад?**

а) исм
б) сифат
в) феъл

**2. Дар кадом банд сифат навишта шудааст?**

а) чуқур, васеъ, рангин
б) бурс, арча, баландӣ
в) овард, баромад, харид



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**3. Чӣ гуна? чӣ хел? саволҳои кадом ҳиссаи нутқ аст?**

а) шумора
б) феъл
в) сифат



**Машқи 116.** Бо сифатҳои поёнӣ ва дигар калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Дилкушо, сахт, паст, турш, хушрӯй, дилрабо, дурахшон.

Намуна: Офтоби дурахшон ба олам нур мепошад.

## Дарси 53. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 117—120

**Машқи 117.** Фикр карда дахто сифат нависед ва ба кадом савол ҷавоб шуданашонро гӯед.

**Машқи 118.** Чистонро хонед, ҷавобашро гӯед. Сифатҳоро ёфта, номбар кунед.

Чист он, чист он, шохи дарахтон ватанаш,
Монанди кадуи хому ширин суханаш,
Он куртасафед, ҳар ду остинча сиёҳ,
Олуда ба хун ҳар ду пою даҳонаш.



**Машқи 119.** Пандҳоро хонед ва мазмунашро фаҳмонед.

1. Биҳишт зери қадами модарон аст.
2. Ҳақро бигӯ, агарчи талх бошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Фазилати инсон зери забонаш нуҳуфта аст.

4. Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯ.

5. Фарзанди нағз — боғи падар.
Фарзанди бад — доғи падар.

6. Илму ҳунар — ҳусни дигар.

7. Падар — ризо, худо — ризо.



**Машқи 120.** Зарбулмасалҳоро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро ба дафтар нависед. Баъд аз он ба зери сифатҳо хат кашед.

Як китоби хуб — беҳтар аз як хазинаи бузург.

Аз бад — касофат, аз нек — шарофат.

## Дарси 54. АЛОҚАИ СИФАТ БО ИСМ



Ҳарфи **и** воситаи алоқаи байни исму сифат мебошад.

**Машқи 121.** Пеш аз сифатҳои поёнӣ исмҳои мувофиқро интихоб карда, бо истифодаи ҳарфи **и** ибора тартиб диҳед.

Равшан, баланд, форам, зебо, васеъ, калон, нав, гарм.

Намуна: хонаи васеъ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 122.** Баъди аз назар гузаронидани ҷадвал ба исмҳо савол гузошта, сифат ва воситаи алоқаи онҳоро муайян кунед.

| Алоқаи сифат бо исм | | | |
|---|---|---|---|
| **Мисол** | **Таркиби мисолҳо** | | |
| | **исм** | **воситаи алоқа** | **сифат** |
| харбузаи ширин | харбуза | и | ширин |
| офтоби шӯълапош | офтоб | и | шӯълапош |
| замини ҳосилхез | замин | и | ҳосилхез |
| кӯҳи баланд | кӯҳ | и | баланд |
| бачаи чобук | бача | и | чобук |
| қанди коғазин | қанд | и | коғазин |
| яхмоси хунук | яхмос | и | хунук |

Намуна: харбузаи (чӣ хел?) ширин.



1. Кадом ҳарф воситаи алоқаи байни исму сифат мебошад?
2. Исму сифат ба воситаи кадом ҳарф ба ҳамдигар пайваст мешаванд?
3. Сифат одатан ба кадом ҳиссаи нутқ алоқаманд мегардад?



**Машқи 123.** Ҷои сифату исмҳоро иваз карда ибора созед ва ба зери воситаи алоқаи онҳо хат кашед.

Ширин, себ, кабуд, ранг, хушбӯй, гул, хушбахт, одам, хунук, ҳаво, сабук, бор, соф, об.

Намуна: одами хушбахт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 55. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 124—125

**Машқи 124.** Ба ҷойи нуқтаҳо сифатҳои мувофиқ интихоб карда нависед. Сонӣ ба воситаи исм ба сифатҳо савол гузоред.

Гули ..., осмони ..., абри ..., ҳавои ..., барфи ..., кори ..., кӯдаки ...

**Калимаҳо барои истифода:** хушбӯ, беғубор, найсон, хунук, калон-калон, фоиданок, ширинзабон

Намуна: кӯдаки ширинзабон.



**Машқи 125.** Матнро хонед, зери сифатҳо хат кашед ва ба воситаи исмҳо ба онҳо савол гузоред.

ОБИ РАВОН

Деҳқонону боғдорон ба оби равон муҳаббат ва эътиқоди бузург доранд. Файзу тароват ва хайру баракат ҳама аз об аст, мегӯянд. Омадани об дар ягон ҷӯйбори нав на фақат одаму заминро, балки гӯё осмон, кӯҳҳо, абрҳо, дарёҳо ... — хулоса тамоми табиатро шоду сарафроз мекунад, ба рақс меорад.

Намуна: оби равон — оби (чӣ хел?) равон.

## Дарси 56. СИФАТҲОИ МУҚОБИЛМАЪНО



Сифатҳои муқобилмаъно барои муқоиса ва муқобилгузории хусусияти предметҳо истифода карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 126.** Сифатҳои муқобилмаъноро хонед, дусетоашро интихоб карда, ҷумла тартиб диҳед.

| Сифатҳои муқобилмаъно | |
|---|---|
| сафед | сиёҳ |
| баланд | паст |
| дур | наздик |
| васеъ | танг |
| равшан | торик |
| талх | ширин |
| хом | пухтагӣ |
| пир | ҷавон |

**Машқи 127. Бозии хушзеҳнӣ.** Хонед ва ба саволҳо ҷавоб нависед.

| Мисол | Савол | Ҷавоби саволҳо |
|---|---|---|
| Пиёз тунд аст? | Помидор-чӣ? | ... |
| Намак шӯр аст? | Шакар-чӣ? | ... |
| Фил ҳайвони калон аст. | Муш-чӣ? | ... |
| Ангишт сиёҳ аст? | Барф-чӣ? | Барф сафед аст. |
| Дарё калон аст? | Ҷӯй-чӣ? | ... |
| Асал ширин аст. | Қаламфур-чӣ? | ... |
| Шер ҳайвони ваҳшӣ аст. | Саг-чӣ? | ... |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 128.** Шеърро бо овозбарорӣ якҷоя хонед. Аввал сифат, баъд аз он сифатҳои муқобилмаъноро ёфта ба дафтар рӯбардор кунед.

### СУХАН

Сухан аз дил бурун ояд,
Макӯш ҳаргиз фузун ояд.
Сухан талху гаҳе ширин,
Сухан захр асту ангубин.
Сухан кӯтаҳ агар бошад,
Сухан шаҳду шакар бошад.

Сухан меҳру вафо гардад,
Сухан нури сафо гардад.
Сухан турфа навозиш аст.
Сухан неш асту коҳиш аст.
Сухан имону виҷдонам,
Сухан лафзи ниёгонам.

*Шарифи МУҲАММАДЁР*

## КОР БО ЛУҒАТ

**Супориш.** Калимаҳои шарҳдодашударо аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбои забони модарӣ ба «Дафтарчаи луғат» кӯчонед.

**Бурун** — берун
**Фузун** — афзун, беҳтар
**Нури сафо** — нури тоза, нури беғубор
**Турфа** — гуногун, рангоранг
**Коҳиш** — сарзаниш, таъна
**Ангубин** — шаҳд, ширин
**Лафзи ниёгон** — каломи бобою модаркалон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Машқи 129.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Ҳавзи қулқулум,
Почадарози калтадум.



1. Чӣ гуна сифатҳо муқоиса ва муқобилгузории аломати предметро ифода мекунанд?
2. Сифатҳое, ки бо мақсади ошкор кардани муқоиса ва муқобилгузории хусусияти предметҳо кор фармуда мешаванд, чӣ ном доранд?



**Машқи 130.** Фикр карда дахто сифатҳои муқобилмаъно нависед.

Намуна: талх — ширин.

## Дарсҳои 57—58. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 131—134

**Машқи 131.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб ташкил кунед. Воситаи алоқаи исму сифатҳои ишоракардашударо номбар намоед.

### БОРОН

Аз тарафи шимол **абрҳои сафеди хокистаранг** мисли **ӯрдуи азими равоне** намудор шуда, баъди як нафас қуллаи кӯҳҳоро печонда гирифтанд. Абрпораҳои бузург дар уқёнуси осмон бо суръати тез ба ҷануб шино мекарданд. **Сояҳои бунафшаранги сиёҳтоб** паси ҳамдигар рӯйи кӯҳу кӯталу дараҳоро шитобкорона лесида мегузаштанд. Дар канори абрпо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

раҳо **шӯълаи нуқрагини дурахшанда** бозӣ мекард. Ногаҳон аз паси кадом як кӯҳи дур раъди шадиде баланд шуда, дар кӯҳистон ғулғула андохт. Барқ домани ғарбии осмонро як лаҳза шӯълавар кард. **Шамоли сахте** бархост ва аз паси он шуввас зада борон рехт.



**Машқи 132.** Расмро аз назар гузаронед ва ба саволҳои дар зераш навишташуда ҷавоб гӯед.



1. Бачаҳо бо кӣ дар гирди арчаи солинавӣ мерақсанд?
2. Ба чӣ муносибат арча оро дода мешавад?
3. Шумо дар гирди арча ба Бобои Барфӣ кадом шеъри аз ёд кардаатонро мехонед?
4. Шумоён бо аҳли оилаатон барои пешвозгирии Соли нав чӣ гуна тайёрӣ мебинед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 133.** Калимаи **дил** ва дигар калимаҳоро якҷоя нависед. Калимаҳои ҳосилшударо овоз баровvarда хонед. Гӯед, ки калимаҳои навиштаатон кадом ҳиссаи нутқанд?

**дил-**

| |
|---|
| кушо |
| соф |
| фиреб |
| хуш |
| хун |
| часп |
| сиёҳ |
| сард |
| сахт |
| пур |
| каш |

Намуна: дилкушо.



**Машқи 134.** Сифатҳои поёниро ба дафтар кӯчонед ва саволҳояшонро нависед.

Дилнишин, шифобахш, доно, нодон.

## Дарси 59. ПЕШВАНДҲОИ СИФАТСОЗ



**бе-, бо-, ба-, но-, бар-, то-** пешвандҳои сифатсоз мебошанд. Онҳо пеш аз сифатҳо омада якҷоя навишта мешаванд. Мисол: беҳаракат, боғайрат, баодоб, нодон.

**Машқи 135.** Сифат ва пешвандҳои сифатсозро муайян карда, ба дафтар нависед.

1. Хонандагони синфи мо бачаҳои боидрок ва боғайрат мебошанд. 2. Назокат духтараки боистеъдод аст. 3. Дар ошхона хӯроки бомаза



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мепазанд. 4. Бинои мактаби мо бошукӯҳ аст. 5. Одами беилм ва бесавод пеш рафта наметавонад. 6. Олими беамал — занбӯри беасал. 7. Дар осмон ситораҳои бешумор ҷилва мекарданд. 8. Меҳмони нохонда иззат надорад.

**Машқи 136.** Фикр карда ба ҷойи нуқта пешвандҳои сифатсози мувофиқро ёфта гузоред.

1. Ҷавон фазои ... поёни осмонро аз чашм мегузаронид. 2. Дар атрофаш аз сангҳои ... тарошида деворҳо сохта буданд. 3. Ман ба бародарам мактуби ... тафсил навиштам. 4. Рӯйи дашти ... поёнро барфҳо пӯшонда буданд. 5. Ман симои ӯро ба ҳайкали бовиқор монанд менамудам. 6. Хирс хӯроки ... мазза ва хусусан равғаниро дӯст медорад.

**Пешвандҳо барои истифода:** бе-, бо-, ба, но-

**Машқи 137.** Матнро хонед, фикратонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед. Аввал сифат, баъд аз он пешванди сифатсозро муайян кунед.

Дар боғ себҳои гуногун пухта расидаанд. Себи тобистона, себи тирамоҳӣ, себи зимистона. Ин себҳо хеле хушмаззаву хушбӯй буданд, аммо доимо бо якдигар баҳс мекарданд ва якдигарро озурдаю ғамгин мекарданд.



Себаки тобистона мегуфт:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Ман аз ҳама ширин, бомазза ва мулоим ҳастам. Аз ҳама тезтар мепазам!

Себаки тирамоҳӣ мегуфт:

– Ман қандину сероб ҳастам! Аз ман мураббои бомазза тайёр мекунанд.

Себаки зарди зимистона мегуфт: – Маро дар иди «Соли Нав» ва «Наврӯз» ба бачаҳо ҳадя мекунанд. Ҳарчанд турш бошам ҳам, бачаҳо маро бисёртар дӯст медоранд. ***(«Аз себак» – и К. Хуморикова).***

## КОР БО ЛУҒАТ

**Супориш.** Калимаҳои шарҳ додашударо аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбои забони модарӣ ба «**Дафтарчаи луғат**» кӯчонед.

**амон** — осуда
**нишот** — хурсандӣ, шодӣ
**физоям** — афзудан, зиёд кардан



1. **бе-, бо-, ба-, но-, бар-, то-** пешвандҳои кадом ҳиссаи нутқ ба шумор меравconfigured?
2. Пешвандҳои сифатсози **бе-, бо-, ба-, но-бар-, то-** бо сифатҳо чӣ гуна навишта мешаванд?
3. Дар шеър кадоме аз пешвандҳои сифатсоз истифода шудааст?



**Машқи 138.** Ба ҷойи нуқта сифатҳои мувофиқро ёфта гузоред.

1. Шӯълаи ... офтоб ба ин қуллаи сарсафед метофт. 2. Борони ... ба сел гашт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Чашмони … ӯ аз бедорхобӣ … шуда будаанд.
4. Рӯйи дашти …ро барфҳо пӯшонда буданд.

**Калимаҳо барои истифода:** сурхчатоби, сарсафед, якка-яккаи калон-калон, сиёҳи, суп-сурх, бепоён.

## Дарси 60. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 139—141



Бо корбасти пешвандҳои **бе-, бо-, ба-, бар-, то-** аз исм сифат сохта мешавад.

Мисол: одами беайб, ҷавони бофарҳанг, соли бафайз, шахси баркамол, давраи тоалифбо.

**Машқи 139.** Ба ҷойи нуқта пешвандҳои сифатсози мувофиқ гузошта, аз исм сифат созед.

қасри … шукӯҳ, дашти … об, бачаи … ирода, марди … қувват, кори … фоида, пири … тадбир, писари … ақл.

*Пешвандҳо барои истифода*: бо-, бе-, ба-.

Намуна: пири ботадбир.

**Машқи 140.** Шеърро хонед, сифат ва саволҳояшонро муайян кунед.

### ХОЛАИ ДИЛСӮЗ

Дарзии хушдӯз,
Холаи дилсӯз,
Куртаҳои ту
Лолаи Наврӯз.
Холаи ғамхор,
Кори ту бисёр.
Дӯхтӣ бар ман
Куртаи гулдор,
Тугмаҳои он
Чун садаф зебо,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE
http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Медиҳад аз дур
Дар барам ҷило.
Бар ман бизебад,

Куртаи гулдор,
Бар ту мегӯям:
— Раҳмати бисёр!

*Нӯъмон РОЗИҚ*

Намуна: дарзи чӣ хел? — хушдӯз.



1. Ба ҷойи пешаванди бе- боз кадом пешвандҳо навишта мешавад?
2. Кадоме аз пешвандҳои исм ба ҷойи якдигар кор фармуда мешаванд?



**Машқи 141.** Бо ёрии пешвандҳои **бе-, бо-, ба-** аз исм сифат созед.

## Дарси 61. ПЕШВАНДИ НО-



Бо корбасти пешванди **но-** аз исм сифат ва аз феъл сифат сохта мешавад.
Мисол: хабари нохуш, модари ноком (аз исм сифат), марди ношинос, хамири норасида (аз феъл сифат).

**Машқи 142.** Ба ҷойи нуқта пешванди сифатсози мувофиқ гузошта, аз феъл сифат созед.

Абри ... гузар, гули ... ёб, роҳи ... ҳамвор, хабари ... хуш, хонаи ... рӯфта.

Пешвандҳо барои истифода: дар-, но-.

**Машқи 143.** Пешванди **«но-»**-ро кор фармуда аз исм сифат ва аз феъл сифат созед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 144.** Матнро хонед, сифат ва саволҳояшро чун намунаи мисоли поёнӣ нависед.

Ҳаво форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва қирҳои зебо ороста гардидаанд. Рӯйи онҳо бо алафҳои кабуд, гулҳои сурх, киштҳои гуногун ва ба пахтаҳои сафед пӯшида шудааст. Шабпаракҳои сурх, сиёҳ, зард ва сафед парида мегарданд. Паррандаҳо ба деворҳои пасту баланд, бом ва ба рӯйи гулҳои рангоранг менишинанд, бо овозҳои шӯх месароянд.

Намуна: ҳавои чӣ хел? — форам, ...



1. но- пешванди кадом ҳиссаи нутқ аст?
2. Бо корбасти пешванди но- аз феъл кадом ҳиссаи нутқ сохта мешавад?



**Машқи 145.** Даҳто феъл нависед, ки дар таркиби онҳо пешванди **но-** омада бошад.

## Дарси 62. ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ



-ак (-як), -акак (-якак) -ча, -тоб, -тар, -тарин **пасвандҳои сифатсоз** мебошанд.

**Машқи 146.** Ҷумлаҳоро хонед, сифатҳои бо ранги сиёҳ навиштаро ба дафтар кӯчонед. Пасвандҳои сифатсозро бо гузоштани аломати шартӣ муайян кунед.

1. Рӯйи ӯ аз тарс ва шарм **сафеди сурхчатоб** шуда буд. 2. Шаби дароз **абрҳои хокистарранг** ба замин **заррачаҳои нуқратоб**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

пошиданд. 3. Онҳо гоҳ **нофармонранг**, гоҳ сабзча метобиданд. 4. **Калонтарин** ҳайвон фил аст.

**Машқи 147.** Матни поёниро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед.

Савор марди меҳрубоне буд, ки чун зории мор шуниду изтироб ва бечорагии ӯро бидид, бо худ андеша кард. Мор душмани одамон аст, аммо ҳоло дармондаву ҳайрон мебошад. Беҳтар он аст, ки ба вай шафқат кунам. Пас тӯрбаашро ба найза миёни оташ андохт.

Мор фурсатро ғанимат дониста ба тӯрба даромад. Савор пас тӯрбаро кушода Морро баровард ва гуфт:

— Ҳар ҷо хоҳӣ бирав, баъд аз ин мардумозорӣ макун, ки озорандаи мардум дар дунё бадном аст.

Мор гуфт:

— Эй ҷавон, аз ин сухан даргузар, ки ман то туро ва шутури туро захме назанам, намеравам.

Савор гуфт:

— Оё ман ба ту накӯӣ накардам ва аз миёни оташ берун наовардам, магар сазои ман чунин аст? *(Аз «Тазкираи адабиёти бачагон»)*

**Машқи 148.** Чистонро хонед, ҷавобашро ёбед. Сифат ва пасванди сифатсози онро номбар кунед.

Гирд аст кӯзача,
Гирдомагирд аст кӯзача.
Донаҳазор аст кӯзача,
Кунгурадор аст кӯзача.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. -ак (-як), -акак (-якак) -ча, -тоб, -тар, -тарин пасвандҳои кадом ҳиссаи нутқ мебошанд?
2. Чиҳо пасвандҳои сифатсоз ба шумор меравroute?

**Машқи 149.** Понздаҳто сифат нависед, ки дар таркиб пасвандҳои **-ак (-як), -акак (-якак) -ча, -тоб, -тар, -тарин** дошта бошад.

## Дарси 63. ПАСВАНДҲОИ -АК (-ЯК), -АКАК (-ЯКАК)

Пасвандҳои **-ак (-як), -акак (-якак)** камиву хурдӣ ва навозишро ифода мекунанд. Мисол: паррандаи хушрӯяк, нони гармакак, матои сурхчатоб, марди сиёҳтоб.

**Машқи 150.** Сифат ва пасвандҳои сифатсозро муайян карда, ба дафтар нависед.

1. Мо дар хона соати деворӣ дорем. 2. Киштӣ баҳорӣ сар шуд. 3. Дар мамлакати мо рӯзи корӣ шаш-ҳафт соат мебошад. 4. Анор ва биҳӣ меваҳои тирамоҳӣ мебошанд. 5. Модари ман мураббои олугӣ пухт. 6. Ҷӯра нони равғанин харид. 7. Дар болои ҷӯй кати тахтагӣ монда буданд. 8. Ин бинои сангин аст. 9. Гургу Шағол ҳам фаҳмиданд, ки Бузак ҳафто бузғолачаи хушрӯяку фарбеҳакак дорад. 10. Мушак танҳо рафтан нахоста, Бибигамбӯсакро ҳамроҳ бурдааст.



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Пасвандҳо | Мисол |
|---|---|
| -ак | |
| -як | |
| -акак | |
| -якак | |

1. Пасвандҳои -ак (-як), -акак (-якак) чиро ифода мекунанд?
2. Пасвандҳои -ак, -акак боз чӣ гуна шакли навишт доранд?

**Машқи 151.** Дар катакчаҳои холии ҷадвал бо корбасти пасвандҳои навишташуда сифатҳо нависед.

## Дарси 64. ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗИ -ЧА, -ТОБ

Пасвандҳои **-ча, -тоб** мисли пасвандҳои **-ак (-як), -акак (-якак)** камиву хурдӣ ва навозишро ифода мекунанд. Мисол: матои сурхчатоб, марди сиёҳтоб ...

**Машқи 152.** Шеърро хонед, сатрҳои дар таркиб сифатдоштаро ба дафтар рӯбардор кунед. Савол ва пасвандҳои сифатсозро номбар кунед.

### ХОНАИ ДОИМ БАҲОР

Чор хоҳари зебоям,
Чор хоҳари доноям.



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳамноми гулҳо ҳастанд,
Шодии гулҳо ҳастанд.
Номи якеашон Райҳон,
Бунафша дуюмашон.
Хоҳари сеюм Лола.
Пас, Наргиси сесола.
Хонаи мо гулзор аст,
Тамоми сол баҳор аст.

*А. Раҳмонов*

**Машқи 153.** Хонед ва аз рӯйи мазмуни он хулосаатонро гӯед. Сифат ва пасвандҳои сифатсозро номбар кунед.

### ПАНДИ НИЁГОН

1. Ҳар кӣ илм бештар дорад, ӯро бузургтар доред.
2. Сухани ношоистаро гӯш мадоред.



**Машқи 154.** Бо илова кардани пасвандҳои **-ча, -тоб** даҳто сифат нависед.

## Дарси 65. ПАСВАНДҲОИ -ТАР, -ТАРИН



Пасвандҳои **-тар, -тарин** аломатҳоро ба таври қиёсу афзалият нишон медиҳад. Мисол: писандида — писандидатар, шариф — шарифтарин.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 155. Бозии хушзеҳнӣ.** Ба сифатҳои бо ранги сиёҳ навишта шуда пасванди **-тар**-ро илова карда ба ҷойи нуқтаҳо нависед.

| **Ҷумлаҳо** | |
|---|---|
| Ин бино **баланд** аст. | Он бино аз ин ҳам ... аст. |
| Сабоҳат духтарчаи **хурд** аст. | Фотима аз вай ... аст. |
| Оҳан **сахт** аст. | Пӯлод аз ин ҳам ... |
| Ин шаҳр **ободд** аст. | Он шаҳр аз ин ҳам ... |
| Ин девор **паст** аст. | Он девор аз вай ҳам ... |
| Гург ҳайвони **зӯр** аст. | Шер аз гург ҳам ... |

**Машқи 156.** Мисли намунаи мисолҳо ба сифатҳои поёнӣ пасванди **-тар, -тарин** -ро илова карда нависед.

Калон, хурд, талх, хушбӯй, борик, васеъ.

Намуна: калон — калонтар — калонтарин.



**Машқи 157.** Расми шутурмурғро аз назар гузаронида маълумоти ба он вобастаро хонед. Сифат ва пасвандҳои сифатсозро муайян карда, ба дафтар нависед.



Шутурмурғ калонтарин ва пурзӯртарини паррандагон аст. Қадаш то дуним метр ва вазнаш то 135 килограмм аст. Шутурмурғ парида наметавонад, чунки қанотҳояш кӯтоҳанд. Вале вай чунон тез медавад, ки дар як соат 60 километр роҳро тай мекунад. Хӯрокаш меваҳо, донаҳо, инчунин гамбуск ва калтакалосҳо буда, дар биёбонҳои тафсони Африқо зиндагӣ меку-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

над. Тухми шутурмурғ қариб то як килограмм мешавад. Он паррандаи ҷангара аст. Бо ҳар ҷонвари дучоромадааш баҳудаю беҳуда меҷангад. Ҳар ҳайвонеро, ки ба он дучор меояд, бо зарбаи пойҳои пурқувват ва минқори тези худ аз пой меғалтонад.

*Аз маҷаллаи «Чашма»*



1. Пасвандҳои -тар, -тарин аломатҳои предметро ба чӣ дараҷа нишон медиҳад?
2. Кадоме аз пасвандҳои сифатсоз аломатҳоро ба таври қиёсу афзалият нишон медиҳад?

## Дарсҳои 66—67. ТАКРОРИ ЧОРЯКИ ДУЮМ



### ТЕСТ

**1. Исме, ки ҷамъи предметро ифода намекунад, чӣ ном дорад?**

а) ҷамъ
б) танҳо
в) ҳеҷ ягон хел ном надорад

**2. Исме, ки бисёр будани предметро ифода мекунад, чӣ ном дорад?**

а) ҷамъ б) шумора в) танҳо

**3. Дар кадом банд исмҳо дар шакли ҷамъ навишта шудаанд?**

а) нуқра, найза
б) нуқраҳо, найзаҳо
в) чашм, чашмон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**4. -ҳо, -ча, -он пасвандҳои ҷамъсози кадом ҳиссаи нутқ ба шумор меравtotal?**

а) исм б) сифат в) феъл

**5. Пасвандҳои ҷамъсози исм дар кадом банд навишта шудааст?**

а) бо, ба, бе, то
б) -ҳо, -гон, -он
в) бе-, бо-, ба-

## Дарси 68. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 158—160

**Машқи 158.** Аз рӯйи расм ном, маза, таъм, ранг ва шаклашонро нависед.

| Сабзавот ва меваҳо | Номи сабзавот ва меваҳо | Маза, таъм, ранг, шакли сабзавот ва меваҳо |
|---|---|---|
|  | | |
|  | | |
|  | | |

**Машқи 159.** Сифатҳоро бо гузоштани аломатҳои шартии реша ва пасвандҳо муайян кунед.

Зардча, заковатманд, хирадманд, хушмуомила, рангоранг.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE
https://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Машқи 160.** Хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед.

Барои шахсони фишори хунашон паст асал фоида дорад. Асалро бо чои сиёҳ пеш аз наҳорӣ истеъмол кардан лозим аст.

## Дарсҳои 69—70. ТАКРОРИ СИФАТ



### ТЕСТ

**1. Кадом ҳиссаи нутқ аломати предметро ифода мекунад?**

а) исм б) сифат в) шумора

**2. Сифат чист?**

а) он ҳиссаи нутқе, ки номи предметро ифода мекунад
б) он ҳиссаи нутқе, ки аломати предметро ифода мекунад
в) он ҳиссаи нутқе, ки ҳаракати предметро ифода мекунад

**3. Сифат ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?**

а) кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо?
б) чӣ хел? чӣ гуна?
в) чӣ кор мекунад? чӣ шуд?

**4. Дар кадом банд сифатҳо навишта шудааст?**

а) калима, ибора, ҷумла
б) нутқ, матн, сарлавҳа
в) рангин, ширин, бомаза



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**5. Сифатҳои муқобилмаъноро муайян кунед.**

а) дур-наздик, сафед-сиёҳ, талх-ширин
б) калон-калон, майда-майда
в) суп-сурх, заб-зард, сап-сафед

**6. бе-, бо-, ба-, но-, бар-, то- пешвандҳои кадом ҳиссаи нутқанд?**

а) сифат б) феъл в) ҷонишин

**7. Ҷойи пешвандҳои бе-, бо-, ба-, но-, бар-, то- дар сохтани сифатҳо чӣ гуна аст?**

а) пеш аз сифат омада якҷоя навишта мешавад
б) пас аз сифат омада ҷудо навишта мешавад
в) пас аз сифат омада якҷоя навишта мешавад

**8. Дар кадом қатор пасвандҳои сифатсоз навишта шудааст?**

а) -ҳо, -он, -гон
б) -ёт, -от, -ҷот
в) -ак, -ча, -тоб, -тар

**9. Пасвандҳои сифатсози аломатҳои қиёсу афзалият нишондиҳандаро муайян кунед.**

а) -ча, -тоб
б) -тар, -тарин
в) -ак, -акак

**10. Ҷойи пасвандҳои -ак (-як), -акак (-якак) -ча, -тоб, -тар, -тарин дар сохтани сифатҳо чӣ гуна аст?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

а) пеш аз сифат омада ҷудо навишта мешавад

б) пас аз сифат омада якҷоя навишта мешавад;

в) пеш аз сифат омада якҷоя навишта мешавад.

**11. Пешвандҳои сифатсоз дар кадом қатор навишта шудааст?**

а) бе-, бо-, ба-, но-, бар-, то-

б) ҳам-, ме-, на-

в) би-, бу-, фур-

# ШУМОРА

## Дарсҳои 71—72. ШУМОРА



Он ҳиссаи нутқе, ки миқдор ва адади предметро ифода карда ба саволҳои **чӣ қадар? чандто? чандум?** ҷавоб мешавад, **шумора** номида мешавад.

**Машқи 161.** Аз ҷумлаҳои поёнӣ шумора ва саволҳояшонро муайян кунед.

Як сол чор фасл дорад. Як сол дувоздаҳ моҳ ҳаст. Як моҳ сӣ ё сию як рӯз дорад. Моҳи феврал бисту ҳашт ё бисту нӯҳ рӯз мешавад. Як сол панҷоҳу ду ҳафта дорад. Дар як ҳафта ҳафт рӯз ҳаст. Як шабонарӯз бисту чор соат аст. Як соат аз шаст дақиқа иборат мебошад.

**Машқи 162.** Даҳ-дувоздаҳто шумора нависед, ки ба саволҳои **чандум** ҷавоб шавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 163.** Тезгӯякҳоро такрор кунед, онҳоро ба дафтаратон рӯбардор кунед. Ба зери шумораҳои он хат кашед.

Панҷу ду панҷ понздаҳ чилучору шонздаҳ.

* * *

Шаб се шамъ андар сарой рӯшноӣ кунад.

## Дарси 73. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 164—165

**Машқи 164.** Матнро хонед ва ба дафтаратон рӯбардор карда, ба зери шумораҳои он хат кашед. Ба саволҳои поёнӣ ҷавоб гӯед.

### КИТ

Кит ҳайвони обии калон аст. Вай дар баҳр ва уқёнусҳо зиндагӣ мекунад. Дарозии кит бисту панҷ метр ва аз он ҳам зиёдтар мешавад. Вазни кит як саду бист ҳазор килограмм ва зиёда аз он мебошад. Ба даҳони кит як қаиқи чилкаса ҷой шуда метавонад. Китро барои равғанаш сайд мекунанд. Ҳар як кит аз бисту ду ҳазор то сӣ ҳазор килограмм равған медиҳад.

1. Кит чӣ гуна ҳайвон аст?
2. Кит дар куҷо зиндагӣ мекунад?
3. Дарозии кит то чанд метр мешавад?
4. Вазни кит чӣ қадар аст?
5. Китро бо чӣ мақсад дастгир мекунанд?
6. Ҳар як кит чӣ қадар равған медиҳад?

**Машқи 165.** Панҷто ҷумла тартиб диҳед, ки дар таркиб шумора дошта бошад.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 74. НАҚЛИ ХАТТӢ АЗ РӮЙИ РАСМ

**Супориши 1.** Расмро аз назар гузаронед ва ба он сарлавҳа интихоб кунед.

**Супориши 2.** Матни аз 45—50 калима таркибёфта нависед.

**Супориши 3.** Ба зери шумораҳо хат кашида саволҳои мувофиқ гузоред.



## Дарси 75. ПАСВАНДҲОИ ШУМОРА



**-ум, -юм** пасвандҳои шумора ба шумор меравaнд. Онҳо пас аз шумора омада тартиби пешу қафо ҷойгир будани ададҳоро ифода мекунанд. Мисол: се — сеюм, чаҳор — чаҳорум.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 166.** Баъд аз шумораҳои дар поён додашуда пасвандҳои **-ум, -юм** илова карда нависед.

1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10.

**Машқи 167.** Матнро хонед, шумора ва пасвандҳои онро муайян карда, ба дафтар нависед.

## РӮЗҲОИ ҲАФТА

Алӣ сесола асту рӯзҳои ҳафтаро намедонад. Зеро ӯ ба мактаб намеравад. Як рӯз Алӣ аз падараш пурсид: «Рӯзҳои ҳафта чанд рӯз аст?» Падараш гуфт: «Писари хубам, ман ба ту шумораи рӯзҳои ҳафтаро намегӯям. Фақат «номи рӯзҳоро мегӯям». Ва давом дод: «Рӯзи аввал якшанбе ном дорад, рӯзи дуюм — душанбе, рӯзи сеюм — сешанбе, рӯзи чорум — чоршанбе, рӯзи панҷум — панҷшанбе, шашум — ҷумъа ва рӯзи охирин шанбе ном дорад».

Алӣ рафт ва рӯзҳои ҳафтаро бо ангуштонаш ҳисоб кард. Вале рӯзҳои ҷумъаву шанберо ба ҳисоб нагирифт. Рӯзҳо аз рӯйи адад панҷ рӯзро ташкил доданд. Баъд рафта ба модараш гуфт: «Ман рӯзҳои ҳафтаро шумурдам, панҷ рӯз шуд».

*Аз китоби «Каҳкашони орзу», эҷоди Фотима*

**Машқи 168.** Ба ҷойи нуқта пасвандҳои мувофиқи шумораро гузошта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Ҳафтоду як ..., ҳаштоду панҷ ..., як саду як ..., яксаду чилу ду..., дусаду панҷоҳу се ..., дусаду ҳаштоду ҳашт ...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 169.** Ададҳои аз панҷоҳ то ҳафтодро бо илова кардани пасвандҳои **-ум, -юм** нависед.

Намуна: панҷоҳум, панҷоҳу нӯҳум, шасту сеюм.

## Дарси 76. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 170—172

**Машқи 170.** Матнро хонед, шумораҳоро ёфта, ба дафтар кӯчонед. Баъд аз он ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

### ҲИСОБ

Алӣ аз ҳисоб мудом баҳои бад мегирифт, аммо ҳисоб карданро дӯст медошт. Дар хона, дар мактаб, дар кӯча, ҳатто ҳангоми хӯрдан ҳисоби чизеро мегирифт. Агар касе чизе пурсад, қаҳролуд мегуфт:

— Халал нарасон, ман ҳисоби муҳим дорам!

Падар ҳайрон буд, ки писари ҳисобдӯсташ чаро аз ҳисоб ҳамеша баҳои ду мегирад.

Алиҷон он лаҳза дар ҷойгаҳ буд ва дастонашро аз кӯрпа бароварда, ангуштонашро кушода мепӯшиду зери лаб «Як, ду, се .., даҳ, бист.., ҳазор ...» мегуфт, аз ин сабаб суоли падарро дуруст нашунид. Падар суолашро такрор кард:

— Ҳозир чӣ ҳисоб дорӣ, писарам?

— Ҳозир? — гуфт Алӣ. — Як ҳисоби хеле муҳим!

— Канӣ шунавем? — хоҳиш кард падар.



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

— Соат чанд аст? — пурсид Алӣ.

— Агар ҳоло соат даҳ бошад, баъди ду ҳазору дусаду ҳашт соат, ки ин ба як саду сиву ду ҳазору ҳаштсад дақиқа ё ба ҳафт миллиону нӯҳсаду шасту ҳашт ҳазор сония баробар аст...

*Аз маҷаллаи «Чашма»*

**Машқи 171.** Ҳафто рақамҳои дӯстдоштаатонро аввал бо адад, баъд аз он бо ҳарф нависед.

Намуна: 1 – як, 5 – панҷ, 10 – даҳ.



**Машқи 172.** Ададҳои садиро баробари илова кардани пасвандҳои **-ум, -юм** нависед.

Намуна: яксаду дуюм, дусаду чорум.

## Дарсҳои 77—78. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарсҳои 79—80. ТАКРОРИ ШУМОРА



### ТЕСТ

**1. Ҳиссаи нутқе, ки адади предметро ифода карда ба саволҳои чӣ қадар? чандто? чандум? ҷавоб мешавад, чӣ ном дорад?**

а) исм б) сифат в) шумора



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**2. Саволҳои шумора дар кадом қатор навишта шудааст?**

а) чӣ қадар? чандто? чандум?
б) кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?
в) чӣ хел? чӣ гуна?

**3. Аз силсилаи мисолҳо шумораро муайян кунед.**

а) дур, наздик, нишеб
б) истиқоматгоҳ, таътил, роҳ
в) даҳ, сад, ҳазор

**4. Кадоме аз пасвандҳо тартиби ададҳои пай дар пайро ифода мекунад?**

а) -ҳо, -он, -гон
б) -ум, -юм
в) -тар, -тарин

**5. -ум, -юм пасвандҳои кадом ҳиссаи нутқ аст?**

а) шумора б) ҷонишин в) феъл

# ФЕЪЛ

## Дарси 81. ФЕЪЛ



Он ҳиссаи нутқе, ки ҳаракат, амал ва ҳолати предметро ифода карда ба саволҳои **чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ мешавад?** ва ғайра ҷавоб мешавад, **феъл** ном дорад. Мисол: мехонам, меравам, гуфтам, омад, нишаст, хонд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 173.** Аз таркиби ҷумлаҳои поёнӣ бо саволгузорӣ феълҳоро муайян кунед.

1. Баҳор бисёр борон меборад. 2. Халқи мо осудаҳолона зиндагӣ мекунад. 3. Дарс соати ҳашту ним сар мешавад. 4. Пахта дар ҷойҳои гарм мерӯяд. 5. Бачаи хуб ҳамеша рост мегӯяд, дурӯғ намегӯяд.

**Машқи 174.** Ҷадвалро аз назар гузаронида ба ҳар як саволи феъл сетогӣ мисоли ҷавобшаванда нависед.

Феъл

Саволҳои феъл

чӣ кор кард? чӣ кор кардааст?
чӣ кор мекунад? чӣ шуд?.

| Мисол |
| --- |
| хонд, нишаст, рафт (чӣ кор кард?)<br>хондааст, рафтааст, дидааст<br>(чӣ кор кардааст?)<br>мехонад, меравад, метозад<br>(чӣ кор мекунад?) содир шуд,<br>баргузор гардид (чӣ шуд?) |

**Машқи 175.** Ба ҷойи нуқта феълҳои мувофиқро интихоб карда, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Кабӯтаре ба тӯри сайёд ... . 2. Ман бо падарам ба саёҳат ... . 3. Расул аз дарси



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

забони модарӣ баҳои панҷ ... . 4. Манижа аз доманаи кӯҳҳо лолаву гулҳои рангоранг ...

**Калимаҳо барои истифода:** овард, афтод, гирифт, меравам.



1. Феъл чист?
2. Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

Намуна: хонд — чӣ кор кард?

## Дарси 82. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 176—179

**Машқи 176.** Бо феълҳои поёнӣ ва дигар калимаҳо мисли намунаи мисол ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Борид, пошид, корид, сохтанд, ғундошт, баргаштанд.

Намуна: Бачаҳо аз барф бобои барфӣ сохтанд.

**Машқи 177.** Ба ҷойи нуқта феълҳои мувофиқ гузоред ва ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашонро гӯед.

1. Шамоли форам навдаҳои дарахтонро алвонҷ ... . 2. Гулҳои шафтолу ва себ аз нав ханда ... . 3. Онҳо кор ... ва ... .

**Калимаҳо барои истифода:** мекунанд, медод, мехонанд, мекарданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 178.** Матнро хонед, феълҳоро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## ЗИМИСТОН

Ду тарафи роҳ — майдонҳои кишт, кӯлҳои обпарто, заҳкашҳо, ҷӯйҳо, ҷарҳо ва ҳамаи пастиҳою баландиҳо бо барф пур шуда ҳамвор гашта буданд. Ба ҳар тараф, ки нигоҳ кунед, барфи дурахшони сафед чашматонро мебурд.

Ҷӯйҳои сарироҳӣ ҳам дамида баромада ба кӯлҳо ва роҳҳо ҳамроҳ шуда буданд. Баъзан оби ҷӯйҳо ба рӯйи яхҳои роҳҳо шорида рафта, ях баста, «асфалт»-и роҳро дуқабата карда буданд.

*Садриддин Айнӣ*



**Машқи 179.** Чистонҳоро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Такяи мо асар кунад,
Ҷумла ҷаҳон хабар кунад.



Ду сипари пайваста,
Дарансабзи бомазза.

## Дарси 83. ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ



Феъл се замон дорад. Замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 180.** Ҷадвалро аз назар гузаронида ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед. Баъд аз он феъл ва замонҳояшро муайян кунед.

**Замонҳои феъл**

- гузашта
- ҳозира
- оянда

**Мисол**

1. Қафаси майнаро дар шохи дарахт овехтам.
2. Дирӯз борон ва жола борида буд.
3. Мо пагоҳ ба тамошои боғи ҳайвонот меравем.



**Машқи 181.** Чистонро хонед, ҷавоби онро ёфта ба дафтаратон нависед. Ба зери феълҳои он хат кашед.

Лаклак ба ҳаво парид,
Афтоду танаш дарид.
(Барф)

## Дарси 84. ФЕЪЛИ ЗАМОНИ ГУЗАШТА



Феъли замони гузашта амали пештар иҷрошударо ифода карда ба саволи **чӣ кор кард? чӣ кор карданд? чӣ шуд?** ҷавоб мешавад. Мисол: навишт, омаданд, пайдо шуд.

**Машқи 182.** Бо гузоштани саволҳои мувофиқ феълҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

Хонд, хобид, фиристод, пӯшиданд, нӯшиданд, гуфтанд, доштанд, содир шуд

Намуна: чӣ кор кард? — хонд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 183.** Ба ҷойи нуқта феълҳои замони гузаштаи мувофиқро интихоб карда, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Фирдавс аз мағозаи китобфурӯшӣ китоб... . 2. Ман ҳар пагоҳӣ баъд аз шустани дасту рӯ ба падар ва модарам салом ... . 3. Мо Таҳминаро бо рӯзи зодрӯзаш табрик ... . 4. Дар ҷӯйчаҳо обҳои мусаффо ҷорӣ ... .

**Калимаҳо барои истифода:** харид, кардем, мешаванд, медиҳам

## Дарси 85. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 184—185

**Машқи 184.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери феълҳои замони гузашта хат кашида, саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Мо ба боғ рафтем. 2. Ба мошинҳо савор шудем. 3. Дар боғ сайр намудем. 4. Муаллим донишомӯзонро пешвоз гирифт.

**Машқи 185.** Аз калимаҳои пароканда ҷумлаҳо созед ва ба зери феълҳои замони гузашта хат кашед.

1. Омад аз роҳи дур, мошин. 2. Хонандагон расонданд, ба пахтачинӣ, ёрӣ. 3. Мавсими, сар карданд, хоҷагиҳо мевачиниро.

Намуна: Мошин аз роҳи дур омад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 86. ФЕЪЛИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА



Феъли замони ҳозира ба саволҳои предмет **чӣ кор мекунад? чӣ кор карда истодааст?** ҷавоб мешавад. Мисол: 1. Деҳқонон бо фарорасии фасли баҳор донаи киштҳои баҳориро ба замин мепартоянд. 2. Мо барои паррандагон лона сохта истодаем.

**Машқи 186.** Аз таркиби ҷумлаҳои поёнӣ феълҳои замони ҳозираро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Зимистон рӯзҳо кӯтоҳ, шабҳо дароз мешаванд. 2. Дарахтони мева баҳор гул мекунанд. 3. Бо собун дасту рӯ ва либос мешӯянд. 4. Боди сабуке мевазид ва ба димоғи кас як бӯйи нозукеро меовард.

**Машқи 187.** Ба ҷойи нуқта феълҳои замони ҳозираи мувофиқро интихоб карда, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Ҳасан китоби забони модариро ... . 2. Мо дар боғи мактаб кор ... . 3. Деҳқонон аз замин ҳосили фаровон ... . 4. Муаллим мавзӯъро ... . 5. Зӯҳро ба кор ... .

**Калимаҳо барои истифода:** мекунем, мехонад, мефаҳмонад, мегиранд, меравад.



**Машқи 188.** Бо истифодаи феълҳои дар поён навишташуда ва интихоби калимаҳои дигар дар мавзӯи **«Дар себзор»** ҳикоячае тартиб диҳед.

Барвақт, мехезед, нонушта, мекунад, равон мешавад, сар мекунад, себ мечинад, дам

http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мегирад, ба кор шурӯъ менамоед, бармекашид, ба хона меоед.

## Дарси 87. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 189—190

**Машқи 189.** Матнро хонед. Феълҳои бо ранги сиёҳ навишташударо ба дафтар рӯбардор кунед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузошта, замонашро муайян намоед.

Зоғак ба кӯҳи сиёҳ рафта **гуфт**:

— Кӯҳи сиёҳ, ҳой Кӯҳи сиёҳ, ангишт **бидеҳ**, ба оҳангар барам, дос карда **медиҳад**, досро ба марғзор **мебарам**, алаф даравида, ба бузак **медиҳам**, бузак шох **медиҳад**, шох қатӣ аз теппа хок **меканам**, бурда ба кулол **медиҳам**, кулол кӯза **мекунад**, кӯзаро бурда аз ҷӯй об **мегирам**, минқорамро мешӯям, чилилиро **мехӯрам**.

Кӯҳ гуфт:

— Эй зоғ, ҳозир ангишт надорам, **рав** аз беша кунда **биёр**, ман кундаро сӯхта ангишт тайёр мекунам, гирифта меравӣ.

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**Машқи 190.** Бо истифодаи феълҳои дар поён навишташуда ва интихоби калимаҳои дигар дар мавзӯи «**Дар тобистон**» ҳикоячаи хурдакак тартиб диҳед.

Мехезӣ, шустушӯ мекунӣ, нонушта мекунӣ, сайр менамоӣ, бозӣ мекунӣ, метозӣ, меғундорӣ, хӯрок мехӯрӣ, ба лаби ҷӯй меравӣ, оббозӣ мекунӣ, ба хона меравӣ, хоб мекунӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 88. ФЕЪЛИ ЗАМОНИ ОЯНДА



Феъли замони оянда ба саволҳои предмет **чӣ хоҳад кард? чӣ бояд кард?** ҷавоб мешавад.

**Машқи 191.** Ба ҷойи нуқта феълҳои замониояндаи мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Назокат пагоҳ ба хонаи модаркалонаш... . 2. Аз рӯйи гуфтаи муаллим мо баъд аз ду рӯз тест ... . 3. Дар фасли баҳор бисёр борон хоҳад ... . 4. Дарахти бодом нисбат аз дигар дарахтон пештар гул ... .

**Калимаҳо барои истифода:** борид, мекунад, месупорем, меравад

**Машқи 192.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед. Гӯед, ки кадоме аз калимаҳо ба феъли замони ҳозира мисол шуда метавонанд.

Ояд ба кӯҳу водӣ,
Ҳамроҳаш орад шодӣ.
Аз он бобо месозем,
Дар гирди ӯ мебозем.





**Машқи 193.** Матнро хонед ва ба дафтаратон рӯбардор кунед. Ба зери феълҳои ба саволи **чӣ кор мекунад?** ҷавобшаванда хат кашед.

## ДУ ДИДАИ БИНОИ МАН

Модаркалон як набера дошт. Наберааш чорсола буд. Чашмони модаркалон хира шуда мон-



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

да буданд. Аз ҳамин сабаб набераaш ба ҳамаи корҳои ӯ ёрӣ мерасонд. Вай гоҳ ягон чизи гумкардаи модаркалонашро ба тезӣ ёфта медоду гоҳ аз сӯрохии сӯзан ришта мегузаронид.

Модаркалон набераашро бисёр дӯст медошт. Ӯро навозишкорона «Ду дидаи бинои ман» мегуфт.

## Дарси 89. НАҚЛИ ХАТТӢ АЗ РӮЙИ РАСМ

**Супориши 1.** Расмро аз назар гузаронед ва ба он сарлавҳа интихоб кунед.

Намуна: Нони гарм.

**Супориши 2.** Нақшаи нақли хаттии менавиштагиатонро тартиб диҳед.

Намуна: 1. Ба модар ёрӣ додани Гулрӯ ва Симо. 2. Тайёр кардани кулчаҳо. 3. Пухтани нони гарм.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Супориши 3.** Дар асоси нақша нақли хаттии аз 40—50 калима иборатбуда нависед.

Намуна: Рӯзи истироҳат буд. Гулрӯ ва Симо ба модар ёрӣ доданӣ шуданд. Гулрӯ об овард. Симо ширро тайёр кард.

## Дарси 90. ФЕЪЛҲОИ ҲАММАЪНО



Феълҳое, ки маънои якхела дорад, **ҳаммаъно** ба шумор меравbooканд.

Онҳо рангорангӣ ва боигарии нутқро таъмин мекунанд.

**Машқи 194.** Аз силсилаи мисолҳо феълҳои ҳаммаъноро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Кушодан — боз кардан, харидан, фурӯхтан, гузоштан — ниҳодан, меравад, мехонад, задан — кӯфтан, пахн кардан — густурдан.

**Машқи 195.** Бо феълҳои ҳаммаънои поёнӣ ва дигар калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Гап задан — сухан кардан, даргирондан — афрӯхтан, кандан — кофтан — ҷудо кардан, вонамудан — кушодан.

## Дарси 91. ФЕЪЛҲОИ МУҚОБИЛМАЪНО



Баъзе аз феълҳо маънои муқобилро ифода мекунанд. Маънои муқобили феълҳо бо пешванди **на** — ба вуҷуд меояд. Мисол: гуфт — нагуфт, навишт — нанавишт.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 196.** Калимаҳои дар зер навиштаро хонед ва пеш аз онҳо пешванди **на-** илова карда, муқобили ҳамдигар нависед.

Рафт, омад, хонд, нишаст, дид, овард, харид, нӯшид.

Намуна: нӯшид — нанӯшид.



**Машқи 197.** Шашто феълҳои муқобилмаъно нависед.

## Дарси 92. ТАКРОРИ ФЕЪЛ



1. Феъл чист?
2. Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Феъл чӣ гуна аломати предметро ифода мекунад?
4. Феъл чӣ гуна замонҳо дорад?
5. Замонҳои феъл аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ мекунад?
6. Чӣ гуна феълҳоро феълҳои ҳаммаъно меноманд?
7. Феълҳои муқобилмаъно аз феълҳои ҳаммаъно аз кадом ҷиҳат фарқ дорад?

## Дарсҳои 93—94. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарси 95. БАЁНИ ФИКР АЗ РӮЙИ МАЗМУНИ ПОРЧАҲОИ ШЕЪРӢ ВА РАСМ

Наврӯз шуду ҷумла ҷаҳон гашт муаттар,
Аз бӯйи хуши лолаву райҳону санавбар.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# НАВРӮЗӢ

Наврӯзу навбаҳор аст,
Гул дар миёни хор аст.
Ғунча даҳон кушода,
Булбул чӣ беқарор аст.
Наврӯзу навбаҳорон,
Чу мавсими гул омад,
Ба шохи гул нишаста,
Хониши булбул омад.
Наврӯзу навбаҳорон
Ба гулрухон муборак,
Ин рӯзи шоду хандон
Ба кӯдакон муборак!

*Аз «Тазкираи адабиёти бачагон»*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ПЕШОЯНД

## Дарсҳои 96—97. ПЕШОЯНД



Он ҳиссаи калима, ки пеш аз реша омада, маънои онро тағйир медиҳад, **пешоянд** номида мешавад. **ба, бо, аз, дар, то, барои** пешояндҳо ба шумор мераванд. Онҳо аз калимаҳои пеш ва пас аз худ омада ҷудо навишта мешаванд.

**Машқи 198.** Маълумоти дар ҷадвал овардашударо аз назар гузаронед. Баъд аз он мисолҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

Пешояндҳо

| | Мисол |
|---|---|
| ба | ба саҳро, ба дарё |
| бо | бо модар, бо бародар |
| аз | аз деҳа, аз дарс |
| дар | дар рӯзи ид, дар кӯча |
| то | то синфи 4, то харидан |
| барои | тӯҳфа барои шумо, барои бачаи аълохон |

**Машқи 199.** Ба ҷойи нуқта пешояндҳои **дар, ба** гузошта ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Моҳӣ ... об зиндагӣ мекунад. 2. ... сиёҳидон сиёҳӣ нест. 3. Онҳо ... болои кӯҳ гашт карданд. 4. Ӯ ... назди ман як соат истод.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

5. Ҳар як дақиқа ... ман қимат аст. 6. ... ток ангур бисёр аст. 7. ... полиз харбуза ва тарбуз мекоранд. 8. Мо соли оянда ... синфи чорум мегузарем.



**Машқи 200.** Аз рӯйи расм бо навиштани 6—8 ҷумла фикратонро баён кунед.



# ПАСОЯНД

## Дарси 98. ПАСОЯНДИ -РО



Он ҳиссаи калима, ки пас аз реша омада, маънои онро тағйир намедиҳад, **пасоянд** номида мешавад. Пасоянди **-ро** баъд аз калима омада, якҷоя навишта мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 201.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба дафтаратон рӯбардор карда, ба зери пасоянди **-ро** хат кашед.

1. Шамол сафедорро афтонд. 2. Сайёд кабӯтарро дошт. 3. Зебо анорро дӯст медорад. 4. Ҷойҳои чуқурро ҳамвор карданд. 5. Хоҳари Сабоҳат танӯрро тафсонд.

**Машқи 202.** Аз рӯйи мазмуни расм фикратонро баён кунед.





**Машқи 203.** Ба ҷойи нуқта пасоянди **-ро** гузошта ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Шаҳриёр китоб ... дӯст медорад. 2. Ман гул ... ба модарам тӯҳфа кардам. 3. Ӯ шеър ... бо шавқу ҳавас мехонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 99. АЗ РӮЙИ РАСМ ВА МАЗМУНИ МАТН ТАРТИБ ДОДАНИ НАҚШАИ НАҚЛИ ХАТТӢ

**Супориши 1.** Расмро аз назар гузаронида ба он сарлавҳа интихоб кунед.

Намуна: Ҳашарчиёни хурдсол.

**Супориши 2.** Аз рӯйи мазмуни расм нақшаи нақли хаттиро тартиб диҳед.

Намуна: Баъди дарс ҷамъ шудани бачагон. 2. Кӯмакрасонӣ дар нарм кардани замин. 3. Роҳ нишон додани роҳбари синф. 4. Хурсанд шадан аз натиҷаи кор.

**Супориши 3.** Матни нақли хаттии навиштаатонро бо иҷозати муаллим ба ҳамсинфон хонда диҳед.

**Супориши 4.** Аз рӯйи супориш ва тавсияҳои муаллим хатоҳои имлоии содиркардаатонро ислоҳ кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарсҳои 100—101. ТАКРОРИ ЧОРЯКИ СЕЮМ



## ТЕСТ

**1. Ҳиссаи нутқе, ки ҳаракат, амал ва ҳолати предметро ифода мекунад, чӣ ном дорад?**

а) исм  б) сифат  в) феъл

**2. Саволҳои феъл дар кадом банд навишта шудааст?**

а) кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?
б) чӣ хел? чӣ гуна?
в) чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?

**3. Калимаҳоеро, ки ба феъл мисол шуда метавонанд, муайян кунед.**

а) зард, сабз, сафед
б) нок, бодиринг, барф
в) мепазад, месабзад, меборад

**4. Кадоме аз ҳиссаҳои нутқ замон дорад?**

а) исм  б) сифат  в) феъл

**5. Феъл чанд замон дорад?**

а) ду замон
б) се замон
в) феъл замон надорад



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**6. Кадом замони феъл амали пештар иҷрошударо ифода карда ба саволҳои предмет чӣ кор кард? чӣ мешавад? чӣ шуд? ҷавоб мешавад?**

а) замони гузашта
б) замони ҳозира
в) замони оянда

**7. Феълҳои замони ҳозира ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?**

а) чӣ кор мекунад? чӣ кор карда истодааст?
б) чӣ кор кард? чӣ кор карданд?
в) чӣ шуд? чӣ мешавад?

**8. Дар кадом банд феълҳои ҳаммаъно навишта шудаанд?**

а) дод — супурд, афтид — ғалтид
б) кушод — во кард, омад
в) гуфт, дид, навишт, фаҳмид

**9. Дар кадом банд пешояндҳо навишта шудаанд?**

а) ба, бо, аз, то, барои
б) -ро, -қатӣ
в) ва, -у, аммо, лекин

**10. -ро чӣ ба шумор меравад?**

а) пасоянд
б) пешоянд
в) пешванд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ИБОРА

## Дарси 102. ИБОРА



Ду ва аз он зиёда калимаҳое, ки маънан бо ҳам алоқаманд мешаванд, **ибора** ном доранд. Мисол: кишти баҳорӣ, гелоси суп-сурх, шамоли форами баҳор.

**Машқи 204.** Аз силсилаи мисолҳо ибораҳоро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Садбарги хушбӯ, гул, хушбӯ, атр, орди гандум, бачаи аълохон, орд, гандум, бача, аълохон, майдони гулзор, дӯсти мададрасон, майдон, гулзор, дӯст, ёрирасон.

Намуна: сайри боғ.

**Машқи 205.** Ба ҷойи нуқта калимаҳои мувофиқро гузошта, аз ибораҳои дукалимагӣ ибораҳои секалимагӣ тартиб диҳед.

Чашмаи калони ..., санги кӯҳсори ..., замини ноҳамвори ..., гули рустаи ...

**Калимаҳо барои истифода:** деҳа, сероб, ҳосилхез, хушбӯ



**Машқи 206.** Панҷто ҷумла нависед. Аввал ибораҳо ва баъд аз он калимаҳои таркиби ҷумларо ҷудо кунед.

Намуна: Гулноза гули сурхи хушбӯ овард.
Гули сурхи хушбӯ (ибора).
Гулноза, овард (калима).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 103. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 207—209



Калимаҳои ҷудогона гоҳ бо бандаки изофии **и** ва гоҳ бе бандаки изофии **и** пасу пеш омада ибораро ташкил медиҳад.
Мисол: хониши булбул, баландтарин бино.

**Машқи 207.** Калимаҳои додашударо мувофиқи мазмун алоқаманд карда, ибораҳо созед.

| | |
|---|---|
| борон | баҳорӣ |
| гиёҳҳо | шифобахш |

**Машқи 208.** Ба ҷойи нуқта бандаки изофии **и**-ро гузошта аз калимаҳо ибора созед.

Абрҳо . сиёҳ . боронӣ, рӯ . офтоб, шӯъла . барқ, садо . гулдуррос, тараф . ғарб . шаҳар, шамол. бошиддат, дарёча . кӯҳистон, орзу . деринаи мо

Намуна: мавҷҳои кабуди сабзтоб.



**Машқи 209.** Пеш аз калимаҳои дар катакчаҳо навишташуда аз рӯйи расм номашро илова карда нависед.



| |
|---|
| даравӣ |
| кор |
| корӣ |
| коҳ |
| кӯбӣ |
| паз |
| пазӣ |
| поя |

Намуна: гандумранг.



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарсҳои 104—105. НАВИШТАНИ ДАВОМИ МАТНИ НОТАМОМ

**Супориши 1.** Матни нотамомро хонед ва баъд аз он давомашро нависед.

**Супориши 2.** Матни навиштаатонро бо иҷозати муаллим ба шарикдарсон хонда диҳед.

БАҲОР

Аҷойиб фасл аст фасли баҳор!

Замин бо сабзаи тару тоза пӯшида мегардад. Дарахтон гулпӯш мешаванд. Дар ҳаво бӯйи муаттару масткунанда пайдо мешавад. Аз он бӯ паррандагон сархуш гардида, бо хонишҳои дилнишин месароянд... .

## Дарсҳои 106—107. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

# ҶУМЛА

## Дарси 108. ҶУМЛА



Ҷумла фикри тамомшударо ифода мекунад. Мисол: Қатраҳои об ба осмон пош мехрданд.

**Машқи 210.** Адади ҷумла ва аломати гузоштаро номбар кунед.

Модарам нони гарм пухт. Бародаронам аз боғ ангури сиёҳ оварданд. Шамоли форам мевазид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 211.** Матнро хонед ва аз чанд ҷумла иборат буданашро гӯед. Ба саволҳои дар зери матн навишташуда ҷавоб нависед.

### РӮБОҲ ВА ХУРМАЧА

Пирамарде ба дарави гандум баромад. Ӯ хурмачаро бо ошаш дар буттазор пинҳон карда монд. Рӯбоҳ хурмачаро ёфту сарашро ба даруни он даровarda ошро хӯрд. Ошро хӯрда рӯбоҳ хост ба хонааш равад, аммо сарашро аз хурмача баровarda натавонист. Рӯбоҳ сари худро ҳар сӯ меҷунбонид. Хурмача аз сари рӯбоҳ ҳаргиз намебаромад. Рӯбоҳ дар ғазаб шуда, хурмачаро ба об ғӯтонд. Хурмача пури об шуд ва рӯбоҳро ҳам ба ҷӯй кашид. Рӯбоҳ дар об ғарқ шуд.

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*

1. Пирамард ба чӣ кор рафт?
2. Хурмачаро дар куҷо пинҳон кард?
3. Рӯбоҳ чӣ кор кард?

**Машқи 212.** Фикр карда панҷто ҷумла нависед.

Намуна: Саҳрои васеъ ва боғҳои дилкушо ороста гардидаанд.

## Дарси 109. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 213—215

**Машқи 213.** Бо калимаҳои поёнӣ ва дигар калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Хорпушт, сангпушт, модагов, барзагов, ғӯзапоя, шолипоя, ҷуворипоя, чорбоғ, сарҳавз,



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хушманзара, хушмуомила, хушгап, ростгӯ, ошхона, китобхона.

**Машқи 214.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро гӯед. Аломатҳои китобатӣ ва микдори ҷумлаҳоро номбар кунед.

Вақти обталаби пахтаро дониста об додан лозим. Инро кас аз баргҳои пахта медонад. Барги пахтаи обталаб сабзи баланд намешавад. Обро шабона мондан лозим. Рӯзона гармии ҳаво сабаб мешаваду пахта гулашро мепартояд. Бинобар он дар салқинии шаб об монда шавад, хуб аст.



**Машқи 215.** Фикр карда панҷто ҷумла нависед.

Намуна: Тошканд пойтахти республикаи Ӯзбекистон аст.

## Дарсҳои 110—111. БАЁНИ ЭҶОДӢ АЗ РӮЙИ РАСМ

**Супориш.** Аз рӯйи расм баёни эҷодӣ нависед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 112. ҶУМЛА ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБӢ



Ҷумла вобаста ба мақсад ва баёни матлабу фикр **ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ** мешавад. Дар охири онҳо аломатҳои китобии нуқта ( . ), савол ( ? ), хитоб ( ! ) гузошта мешавад.

**Машқи 216.** Ҷумлаҳоро хонед ва дар охири онҳо аломатҳои китобии гузошташударо муайян кунед.

1. Мо номи ҷойҳои таърихии диёрамонро медонем.
2. Оё ту номи ҷойҳои таърихии диёратро медонӣ?
3. Номи ҷойҳои таърихии диёратонро номбар кунед!

**Машқи 217.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба дафтаратон навишта, дар охири онҳо аломатҳои китобии мувофиқро гузоред.

1. Ҳамдеҳагони мо бо фарзандони боодобу ҳунарманд мефахранд.
2. Ҳамдеҳагони шумо бо чӣ гуна фарзандони худ мефахранд.
3. Фахр кун, ки ту фарзанди боодобу ҳунарманди диёрӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 113. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 218—219

**Машқи 218.** Ҷадвалро аз назар гузоронед ва баъд аз он ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ ва амрӣ нависед.




**Машқи 219.** Ҷумлаҳоро хонед. Калимаҳое, ки ба саволи **чӣ?** ҷавоб мешаванд, дар сатри якум, ба саволи **кӣ?** ҷавоб мешаванд, дар сатри дуюм нависед.

Ман аз мағоза қалам, дафтар, ручка, китоб, ҷадвал, хаткӯркунак харидам. Падарам, модарам, амакам, холаам, хоҳарам, бародарам, тағоям — ҳама дар рӯзи таваллуди ман ҷамъ омаданд.

Намуна: **чӣ?** — қалам
**кӣ?** — падарам



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарсҳои 114—115. ҶУМЛАИ ҲИКОЯГӢ



Ҷумлае, ки дар бораи амали иҷрошуда ё ин ки иҷрошаванда хабар медиҳад, **ҷумлаи ҳикоягӣ** ном дорад.

Дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ аломати нуқта ( . ) гузошта мешавад.

Мисол: Ман вазифаи хонагиро дар вақташ иҷро мекунам.

**Машқи 220.** Ҷумлаҳои ҳикоягиро хонед, феълҳои бо ранги сиёҳ навишташударо ба дафтар рӯбардор карда, саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Модар ордро **бехт**. 2. Бачаҳо киштича **сохтанд**. 3. Қаламашро бо кордча **тарошид**. 4. Ба қулфи дар калид сохтанд. 5. Ҳамин зимистон ҳаво хеле **хунук шуд**. 6. Таътили зимистонӣ дар моҳи январ **мешавад**.

Намуна: чӣ кор кард? — бехт.

**Машқи 221.** Ба ҷойи нуқта калимаҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳои ҳикоягиро дар шакли пурра нависед.

1. Дар саҳро овози хониши мурғон … . 2. Дар болои кулӯххои киштзор зоғчаҳои сиёҳ хушҳолона … . 3. Дар нишебиҳо алафҳои навхез кабуд … .

**Калима ва ибораҳо барои истифода:** шоридан гирифтан, шунида мешавад, сайр мекунанд, шуда истодаанд.

**Машқи 222.** Бо интихоби ҷумлаҳои ҳикоягӣ дар мавзӯи «**Фасли баҳори диёрам**» матн тартиб диҳед.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарсҳои 116—117. ҶУМЛАИ САВОЛӢ



Ҷумлае, ки бо оҳанги пурсиш гуфта мешавад, **ҷумлаи саволӣ** ном дорад.

Дар охири ҷумлаи саволӣ аломати савол (?) гузошта мешавад.

**Машқи 223.** Аз силсилаи мисолҳо ҷумлаҳои саволиро муайян карда, ба дафтар нависед.

1. Кишварамон — Ӯзбекистон кадом сол истиқлолиятро ба даст даровард? 2. Ватани мо рӯз аз рӯз ободу зебо мешавад. 3. Ватан — модарро дӯст доред! 4. Роҳи пурпечутоб моро ба куҷо мебарад? 5. Хонаи мо он қадар дур нест. 6. Рав! Ҳарчи зудтар хӯрокро тайёр карда мон.

**Машқи 224.** Даҳто ҷумлаи саволӣ тартиб диҳед.

**Машқи 225.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он ҷумлаҳои саволӣ тартиб диҳед.

Иди Наврӯз наздик меомад. Гулбаҳор мехост, ки рӯзи ид ба модараш чизаке тӯҳфа кунад, то модараш шод бошад. Вай, ки пул надошт, ба саҳро рафта аз гулҳои баҳорӣ дастагуле сохта, модарашро табрик кардан хост.

— Очаҷон, — гуфт вай, — иҷозат диҳед ба саҳро рафта каме сайру гашт карда оям.

— Рав, худо ёрат бод, — гуфт модар.

Гулбаҳор ба саҳро рафта, гули сиёҳгӯш, лолаву бойчечак чида, барои модараш гулдастае тайёр карду роҳи хонаро пеш гирифт.



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 118. ҶУМЛАИ ХИТОБӢ

Ҷумлае, ки бо интонатсияи хосса гуфта мешавад, **ҷумлаи хитобӣ** ном дорад.

Дар охири ҷумлаи хитобӣ аломати хитоб ( ! ) гузошта мешавад.

Ҷумлаи хитобӣ оҳанги хитобу даъватро дорад.

**Машқи 226.** Ҷумлаҳои хитобиро хонед ва дар охири он аломатҳои гузошташударо гӯед.

1. Хирсро доштам! 2. Хайр, ин ҷо биёр! 3. Охир, вай намеравад! 4. Хайр, худат биё! 5. Охир, вай маро намедонад!

**Машқи 227.** Панҷто ҷумлаи хитобӣ тартиб диҳед.

**Машқи 228.** Пандҳои зеринро хонед ва мазмунашро фаҳмонед.

1. Одами бекор — дарахти бебор.
2. Одоби хуб — ҳусни инсон.

## Дарси 119. ҶУМЛАИ АМРӢ

Ҷумлае, ки амру фармоишро ифода мекунад, **ҷумлаи амрӣ** ном дорад.

Дар охири ҷумлаи амрӣ аломати хитоб ( ! ) гузошта мешавад.

Ҷумлаи амрӣ оҳанги амру фармоишро дорад, ки он аз ин ҷиҳат аз ҷумлаи хитобӣ фарқ мекунад.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 229.** Ҷумлаҳои амриро хонед ва ба дафтаратон рӯбардор карда, ба зери феълҳои он хат кашед.

1. Намакро ба намакдон андоз! 2. Тезтар биё! 3. Китобро зудтар хон! 4. Наздиктар омад шин!

**Машқи 230.** Фикр карда панҷто ҷумлаи амрӣ нависед.

**Машқи 231.** Бо риояи оҳанги талаффуз ҷумлаҳои амрии поёниро хонед.

1. Ширро хӯр! 2. Панирро гир! 3. Ангурро кан! 4. Анорро пора кун! 5. Умарро ҷеғ зан! 6. Корро тамом кун!



**Машқи 232.** Матнро хонед ва дар охири ҷумлаҳо аломати мувофиқро ёфта гузоред. Калимаи аввалини ҷумлаҳои муайянкардаатонро бо ҳарфи калон нависед.

ҲУШЁРӢ

Аскари қаторӣ Баҳодур дар посбонӣ меистад вай ба атроф ҳушёрона назар меандохт ҳар як одами аз наздаш мегузаштагиро бодиққат нигоҳ мекард боре рафтори як роҳгузар дар дили ӯ шубҳа андохт Баҳодур вайро аз роҳ нигоҳ дошта ҳуҷҷат талаб кард.

## Дарси 120. ТАРТИБ ДОДАНИ НАҚША АЗ РӮЙИ РАСМ

**Супориши 1.** Расмро аз назар гузаронида фикратонро баён кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Супориши 2.** Аз рӯйи мазмуни матн нақшаи нақли хаттии менавиштагиатонро тартиб диҳед.

# АЪЗОҲОИ ҶУМЛА

## Дарси 121—122. САРАЪЗОҲОИ ҶУМЛА



Мубтадо, хабар, муайянкунанда, хабар, ҳол **аъзоҳои ҷумла** ба шумор меравand. Дар хусуси онҳо дар синфҳои болоӣ маълумоти пурра ва муккамалро соҳиб мешавед.

Мубтадо ва хабар аъзоҳои асосии ҷумла буда фикр бештар ба воситаи онҳо баён карда мешавад. Мисол: Модарам курта медӯзад.

чӣ кор мекунад? — **медӯзад (хабар)**, кӣ? — **модарам (мубтадо)**.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 233.** Хабар ва мубтадои ҷумлаҳоро мисли дар намуна нишон додашуда, муайян кунед.

1. Духтарча бисёр зебо мерақсад. 2. Бачаҳо ба наздикӣ ба меваҒундорӣ шурӯъ мекунанд. 3. Мо синфро барои тоза нигоҳ доштан ҳаракат мекунем. 4. Ҳар рӯзу ҳар соат достонҳои тозаи қаҳрамонӣ ва паҳлавонӣ ба вуҷуд меоянд.

Намуна: Рашид китоб мехонад.

**чӣ кор мекунад?** — мехонад **(хабар)**, **кӣ?** — Рашид **(мубтадо)**.

**Машқи 234.** Дар мавзӯи дилхоҳ матн тартиб диҳед. Сараъзо ва аъзоҳои пайравро муайян кунед.

**Машқи 235.** Ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед. Сипас бо ёрии муаллим ба зери сараъзоҳои ҷумла (мубтадо ва хабар) як хати рост ва ба зери аъзоҳои пайрави ҷумла (муайянкунанда, пуркунанда, ҳол) ду хати рост кашида, муайян кунед.

1. Навозандагон менавохтанд, раққосон мерақсиданд. 2. Шамоли сахт вазид. 3. Онҳо аз барф одам сохтанд. 4. Вай ҳанӯз шиновариро намедонист. 5. Дар саҳнаи мактаб карнайчӣ карнай менавохт ва нақорачӣ нақора мезад.



**Машқи 236.** Дахто ҷумлаи аз сараъзоҳо таркибёфтаро нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Дарси 123. ТАКРОРИ ИБОРА, ҶУМЛА ВА АЪЗОҲОИ ҶУМЛА



## ТЕСТ

**1. Ду ва аз он зиёда калимаҳое, ки бо ҳам алоқаманд шуда маънои ягонаро дорад, чӣ ном дорад?**

а) калима б) ибора в) ҷумла

**2. Ҷумлаҳое, ки дар бораи амали иҷрошуда ё ин ки иҷрошаванда хабар медиҳад, чӣ ном дорад?**

а) ҳикоягӣ б) саволӣ в) амрӣ

**3. Ҷумлаҳое, ки бо оҳанги пурсиш гуфта мешавад, чӣ ном дорад?**

а) ҳикоягӣ б) саволӣ в) хитобӣ

**4. Ҷумлаҳое, ки амру фармоишро ифода мекунад, чӣ ном дорад?**

а) ҳикоягӣ б) саволӣ в) амрӣ

**5. Сараъзоҳои ҷумла дар кадом банд навишта шудаанд?**

а) мубтадо, хабар
б) муайянкунанда
в) пуркунанда, ҳол



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 124. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

# ТАКРОРИ СОЛОНА

## Дарси 125. ТАКРОРИ ИСМ ВА СИФАТ

**Машқи 237.** Матнро хонед, сифат ва пасванди сифатсозро муайян кунед.

### МАНЗАРАИ БАҲР

Киштӣ аз канори баҳр шино мекард. Манзараҳои баҳр ва кӯҳҳо яке аз дигаре хушрӯйтару аҷойибтар менамуданд. Дар баҳри кушод шамол зӯртар ва сахттар мевазид. Вай ба андозаи ба канор наздик шудан сабуктар ва гармтар мешуд. Канораҳои баҳр яке аз дигаре тозатар, зеботар буданд. Дар атрофи он заминҳои ҳосилхез ба назар мерасид.

**Машқи 238.** Матнро хонед, исмҳои хосро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед. Баъд аз он ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

Се тан: Мирзо, Миршакар ва ман ба сафари Бадахшон баромадем. Роҳи мо басо тӯлонӣ буд. Як шаб дар Ӯш хоб кардем. Баъд дашти Олтой, Булункӯл, ағбаи Оқбайталро, ки аз сатҳи баҳр панҷ ҳазор метр баланд аст, пушти сар карда, ба Мурғоб расидем. Дар он ҷо бо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

меҳнаткашон вохӯрӣ гузаронида, говмешҳоро тамошо кардем. Ба Хоруғ рафтем.

*Аз китоби «Офтоби сари кӯҳ»-и Боқӣ Раҳимзода*

**Машқи 239.** Исмҳои ҳаммаъноизеринро хонед ва ба дафтар рӯбардор кунед. Ҷумлаҳо тартиб диҳед, ки дар таркиби онҳо исмҳои ҳаммаъно ҷо дошта бошад.

Шодӣ — хурсандӣ — фараҳ.
Ғам — ғусса — андӯҳ.
Шиканҷа — ранҷ.
Азоб — машаққат.

**Машқи 240.** Матнро хонед, исмҳои хос ва саволҳояшро муайян кунед.

Тобистоне устод Мирзо Турсунзода моро, яъне ман, Ғаффор Мирзо, Пӯлод Толисро ба саёҳати водии Зарафшон бурданд. Он вақт мақбараи устод Рӯдакӣ ҳанӯз нообод буд...

Обу ҳавои Панҷрӯд бо зебоияш моро мафтун кард. Дараи Булбулон дар дидаи мо як умр нақш баст. Мо дар қадамгоҳи устод сайр карда, бо пирони барнодил ва закитабъи он макон сӯҳбат оростем.

*Аз китоби «Офтоби сари кӯҳ»-и Боқӣ Раҳимзода*

**Машқи 241.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба ҷойи нуқтаҳо сифатҳои мувофиқро ёфта гузоред.

1. Замини ҳавлӣ бо як қабати ... баргҳои ... хазон пӯшонда шуда буд. 2. Вай тамоми



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

майдонро чун саҳнаи ... ҷилвагар менамуд. 3. Баргҳои хазон дар зери пои гузарандагон ... овоз мебаровард. 4. Шамоли ... ва ... баҳр ба димоғам зад. 5. Мавҷҳои ... бо ғурриш ба соҳил ҳуҷум мекарданд.

**Калимаҳо барои истифода:** тунук, зарди, заррин, хишир-хишир, салқин, шӯртоби, кабуди сабзтоб

**Машқи 242.** Шеърро бо овозбарорӣ хонед, сифатҳоро муайян карда, ба дафтар нависед.

### ҚОИДАИ РОҲГАРДӢ

Дар роҳу пайроҳаҳо,
Аз тарафи рост рав.
Зираку ҳушёр бош,
Бесабаб асло мадав.
Ҳеҷ зи хотир мабар,
Қоидаи роҳро.
Аз раҳи мошин нарав,
Монда гузаргоҳро.
Ҳар чи туро сечароғ,
Амр диҳад, он шунав.
Сурх шавад боз ист,
Сабз шавад зуд рав.
Вақти гузаштан зи роҳ,
Сӯи аввал нигар.
Соз нигаҳ сӯйи рост,
Раҳ бишавад нисф агар.
Қоидаи роҳро,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Гаштаю баргашта хон.
Бар укаи хурди худ,
Хоҳари аз вай калон ...

*Паймон*

**Машқи 243.** Ҷумлаҳоро хонед, исм ва сифатҳоро бо гузоштани саволҳои мувофиқ муайян кунед.

1. Шаббодаи сард мевазид. 2. Шаҳрча кабкабуд ва зебо аст. 3. Ангурҳои ширин дар ин шаҳр хеле зиёданд. 4. Манзараҳои дилкушо дар назар ҷилва мекунанд.

## Дарси 126. ТАКРОРИ ФЕЪЛ ВА ҶОНИШИН

**Машқи 244.** Матнро хонед, феъл ва сифатҳоро муайян карда, дар алоҳидагӣ нависед.

### ОФТОБИ ЗИМИСТОН

Рӯзи истироҳат буд. Ҳаво ҳам гӯё истироҳат мекард, кушод ва равшан буд. Дар осмони беабр офтоб ба замин олам-олам нур пошида сайр мекард. Аз шохаи дарахтон барфҳои дирӯза ба болои сари мардуми роҳгузар пошида мешуданд, гӯё дарахтон шӯхикунон бозӣ мекарда бошанд. Одамон ҳам аз ин барфпошии дарахтон озурдахотир нашуда, баръакс, қийчувкунон овози хандаю шодиро баланд мекарданд. Кӯчаҳои серодам ва намуди онрӯзаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шаҳрро дида шумо гумон мекардед, ки ин рӯз ягон ид аст.

**Машқи 245.** Зарбулмасалҳоро хонед ва мазмунашро фаҳмонед.

1. Дар бачагӣ хондан — нақш ба санг мондан.
2. Пурсидан айб нест.
3. Хат навиштан фазилати ҳунар аст.

**Машқи 246.** Шеърро хонед, феъл ва замонҳои онро муайян кунед. Гӯед, ки пасванди **-ча** чиро ифода кардааст?

РАФТАМ! РАФТАМ БА КӮЧА!

Рафтам! Рафтам ба кӯча,
Овардам як хурӯсча.
Намегӯяд: «Донам деҳ!
Кулчаю нонам деҳ!"
На «қу-қу-қу» мехонад,
Як гапро намедонад,
Он чӣ гуна хурӯсча
Овардам ман аз кӯча? —
Хурӯсчаҷони ширин!
Хурӯсчаҷони қандин!

*Наримон БАҚОЗОДА*

**Машқи 247.** Пандҳоро хонед, феъл ва саволҳояшро муайян кунед.

1. Бо роҳи рост рав, гарчи дур аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Вафову аҳд ба ҷой оваред.
3. Забонро ба бад гуфтан одат мадиҳед.

**Машқи 248.** Шеърро бо овозбарорӣ хонед. Баъд аз он ҷонишин, сифат ва феълҳоро дар алоҳидагӣ номбар кунед.

## ТАБРИК

Ҷашни шумо муборак,
Бобоҷони меҳрубон.
Табрик менамоям,
Шуморо аз дилу ҷон.
Бароятон овардам,
Бобоҷон, гулдаста.
Гулҳои хушрангубӯ,
Ба меҳри дилҳо баста.
Шуморо дӯст дорем
Мо ҳама аз дилу ҷон,
Доим саломат бошед,
Ба бахти мо, бачагон.

*Озод АМИНЗОДА*

**Машқи 249.** Ҷумлаҳоро хонед, ҷонишинҳоро муайян карда, ба дафтар нависед.

1. Вай аз ҳама хубтар кор мекард. 2. Тезтар роҳ рафтан гирифт. 3. Ман ба бародарам хат навиштам. 4. Мо дар синф кори хаттӣ навиш-тем. 5. Онҳо ба роҳ баромаданд. 6. Шумо — хонандагони зираку ҳозирҷавобед. 7. Мо ӯро нағз парвариш кардем.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 250.** Ҷонишинҳои шахсиро ба хотир оварда бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Дарси 127. ТАКРОРИ ПЕШОЯНДУ ПАСОЯНД

**Машқи 251.** Матнро хонед, вазифа ва имкониятҳои воситаҳои электрони – техникиро ёдрас намоед.

### ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ-ТЕХНИКӢ

Вақти дидани **компутер**, албатта, мо тасаввур мекунем, ки он монанди телевизор буда, аз як қуттии сеҳрнок иборат аст. Ин асбоб аз се қисми асосӣ иборат буда, онҳо якҷоя компутерро ташкил медиҳанд. Ба ғайр аз қисмҳои асосӣ қисмҳои ёридиҳандаи компутер мавҷуданд, ки ба кори хуби компутер ёрӣ мерасонанд.



**Монитор** – барои нишон додани маълумотҳои гуногун хизмат мекунад.

**Блоки системавӣ** – ин қисмро дили компутер низ меноманд.

**Клавиатура** – вазифаи дохил кардан ва баровардани маълумотҳоро иҷро мекунад.

**Муш** – вазифаи идора кардани маълумотҳоро иҷро мекунад.

**Асбоби чоп (принтер)** – барои чоп кардани маълумотҳои дохилшуда дар варақ хизмат мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Нусхабардор (сканер)** – барои гузаронидани маълумотҳо ба компютер зарур аст.

**Гирда (диск), флешдиск (флешка)** – барои нигоҳ доштани маълумотҳо хизмат мекунад.

Ба техникаи бехатарӣ риоя карда 15 дақиқа дар масофаи 50–70 см аз манитор дур бе танафус машғул шавед.

## КОР БО ЛУҒАТ

**Супориш.** Калимаҳои шарҳдодашударо аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбои забони модарӣ ба дафтар кӯчонед.

**Сеҳр** — асрор
**Гардун** — дунё, ҷаҳон
**Афроз** — баландӣ, ҷойи баланд
**Афрохтан** — сохтан, бино кардан, андохтан

**Машқи 252.** Бо иштироки пешвандҳои **бе-, бо-, ба-, би-, бу-, то-, на-, но-, ҳам-** ва дигар калимаҳо мисолҳо нависед.

Намуна: бесабр.

**Машқи 253.** Матни аз афсонаи «**Кабк ва рӯбоҳ**» интихобкардаро хонед. Исм, сифат, феъл, пешоянд ва пасояндҳоро муайян карда, дар алоҳидагӣ ба дафтар нависед.

...Кабк минқорашро боло бардошта, чашмашро пӯшида, аз таҳи дил хониш карда, маст шуд ва бехабар монд аз он, ки рӯбоҳ ақиб



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рафту тозон пеш омада, бо як ҷаҳиш худро рӯйи санг гирифту кабкро ба оғӯшаш кашид.

Кабк ба худ омад, ҳаракати паридан кард, вале дер шуд. Пушти худро дар даҳони рӯбоҳ дида, нолакунон гуфт:

— «Аз тақдир ҷойи гурез нест» мегӯянд, пас рӯзи ман буд шуда будааст. Пеш аз марг мехоҳам ба ту бигӯям, ки чанд вақт аст, ки донаи райҳону занҷабилу зағиру зира мехӯрдам, гӯштам хеле бамазза шудааст, кайф карда мехӯрӣ.

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**Машқи 254.** Байтҳоро хонед, мазмунашро фаҳмонед. Пешоянду пасояндҳоро муайян карда, ба зерашон хат кашед.

Ба олам аз ҳама болост модар,
Чароғи зиндагии мост модар.

* * *

Бо чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.

**Машқи 255.** Фикр карда дахто калима нависед, ки дар таркиб пасоянди **-ро** дошта бошад.

**Машқи 256.** Панҷто ҷумла нависед, ки дар таркиб пешоянд ва ҳам пасоянд дошта бошанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ИНКИШОФИ НУТҚ

## Дарсҳои 128—129. ХОНДАНИ МАТН ВА БАЁН КАРДАНИ ФИКР

**Машқи 257.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед.

### ХИСЛАТИ ХУБИ ИНСОН

Абдуллоҷон аз падараш пурсид:

— Хислати аз ҳама хуби инсон чист?

Падар гуфт:

— Одоби он. Чунки одамро аввал аз одоби ӯ мешиносанд, баъд дӯст медоранду ҳурмат мекунанд.

Вақте ки дар байни дӯсту рафиқ, хешу табор менишинӣ, боодоб бош ва суханҳои бемаънӣ нагӯӣ, то ин ки онҳо дилгир нашаванд.

Ҳаргиз миёни гапи ҳамсӯҳбатро набур. Гапи ӯро то охир гӯш кун.

Агар дар бораи воқеаи ба ту маълум нақл кунад, сабр кун, ки суханашро тамом намояд.

Аз паси касе ғайб карда гап назан, ки ин одати бад аст. Агар донӣ, ки рафиқат кори нағз кардааст ё хусусиятҳои бад дорад, онро далерона ба рӯяш гӯй.

Ҳазлу шӯхӣ сӯҳбатро оро медиҳад. Аммо дар вақти ҳазлгӯӣ касеро наранҷон, ки оқибати хуб надорад.

Абдуллоҷон ҳамаи суханҳои падарашро гӯш карда истоду дар охир гуфт:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

— Ана, ман суханатонро набурида гӯш кардам.

**Машқи 258.** Матнро хонед, ном ва овози ҳайвоноту паррандаҳоро муайян кунед.

## ОВОЗИ ҲАЙВОНОТ ВА ПАРРАНДАГОН

Алиҷон аз Нурнисо пурсид:

— Овози ҳайвонот ва паррандагонро медонӣ?

Нурнисо:

— Ҳа, медонам, — гуфта, фақат овози чанд ҳайвонот ва парандагонро ба Алиҷон гуфту дигар хомӯш шуд.

Алиҷон ба ӯ гуфт:

— Гӯш кун, ман овози ҳамаи онҳоро як-як ба ту гӯям, чунки ту бисёри онҳоро нагуфтӣ.

— Хирсро медонӣ, наъра мекашад, шер ҳам инчунин. Гург уллос мекашаду саг аккос мезанад. Аммо гов баос мезанад ва асп шиҳа мекашад. Гӯсфанду буз маас мезананд.



**Машқи 259.** Матни аз ҳикояти «**Зоғ**» интихобкардаро хонед ва фикратонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед.

Сайёд ба пои дарахт омада, дом бозкашид ва донае чанд болои он пошида, дар камингоҳ нишаст. Соате гузашта буд, ки гурӯҳи кабӯтарон парида омаданд. Сардори онҳо Мутавакка ном кабӯтари зирак ва хушфаҳм буд ва тамоми кабӯтарон ӯро ҳурмат мекарданд ва ба ӯ итоат менамуданд. Чашми кабӯтарон, ки ба дона



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

афтод, оташи гуруснагӣ шӯъла задан гирифта, инони ихтиёр аз кафи иқтидорашон бурун бурд. Мутавакқа онҳоро аз таъҷил боздошт.

Аммо кабӯтарон насиҳати ӯро гӯш накарданд. Мутавакқа дид, ки онҳоро бо насиҳат аз роҳ боздошта наметавонад, хост аз онҳо канора гирифта ба гӯшае берун равад, аммо дер шуда буд. Кабӯтарон ба сӯйи дона фуромада буданд, ки ба доми сайёд печиданд.

## Дарси 130. ТАКРОРИ ЧОРЯКИ ЧАҲОРУМ

## Дарси 131. ХОНДАНИ ПОРЧАҲОИ ШЕЪРӢ

**Машқи 260.** Порчаҳои шеъриро хонед, сухан дар бораи чӣ рафтааст, бигӯед.

### ПАНДИ ПАДАР

Шеъри Ҷомиро хонӣ,
Панди Саъдиро донӣ,
Меҳри модар меояд.
Бӯи додар меояд.
Бӯи сулҳу амонӣ,
Дӯстиву зиндагонӣ,
Бӯи меҳнат дар он аст,
Маъноящ як ҷаҳон аст.
Чун панди падар бошад,
Ҳар кӣ баҳравар бошад.

*Қурбон Муҳаммадӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ҲУСНИ ХАТ

## Дарси 132. МАШҚИ ХАТ. НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ ҲАМШАБЕҲ

**Супориш.** Ҳарфҳои ҳамшабеҳи хурду калон **Гг, Ғғ, Хх, Ҳҳ -ро** дар қатори алоҳидаи дафтар хушхат нависед.

## Дарси 133. МАШҚИ ХАТ. НАВИШТАНИ КАЛИМАҲО

**Супориш.** Калимаҳои поёниро ба дафтар хушхат нависед.

Ширинзабон, хушгуфтор, боғ, бӯстон, ватан, кишвар, сарзамин, модар, зодгоҳ, вақт, фасл, айём, гузаштагон, аҷдодон, ниёгон, зебо, хушрӯй.

## Дарси 134. МАШҚИ ХАТ. НАВИШТАНИ ИБОРАҲО

**Супориш.** Ибораҳои поёниро ба дафтар хушхат нависед.

Қадимтарин сарчашма, дарахти лаби ҷӯй, нишастагони лаби суфа, садафвор сафед, оҳу барин чобук, рӯйи беғубор, бисёр барвақт, хандакунон даромадан, охири соли хониш.

## Дарси 135. МАШҚИ ХАТ. НАВИШТАНИ ҶУМЛАҲО

**Супориш.** Ҷумлаҳои поёниро хонед ва ба дафтар хушхат нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чун ваъда кардед, вафо кунед.

* * *

Ба ҳунарманд дар ҳама ҷо ҷой ҳаст.

## Дарси 136. МАШҚИ ХАТ. НАВИШТАНИ МАТН

**Супориш.** Матнро хонед, мазмунашро гӯед. Баъд аз он ба дафтар хушхат нависед.

### РӮБОҲ ВА ЛАКЛАК

Рӯбоҳ лаклакеро ба меҳмонӣ ҷеғ зад. Ба пеши вай як табақ таом гузошт. Лаклак бо нӯли дарози худ аз табақ чизе хӯрда натавонист. Рӯбоҳ ба меҳмонӣ омад. Лаклак таомро ба кӯза андохта овард. Рӯбоҳ фукашро ба даҳони танги кӯза даровარда натавонист. Ҳамаи таомро худи лаклак хӯрд.

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**Супориш.** Матнро хушхат рӯнавис кунед.

### ЗИРА

Зира дар моҳҳои май ва июн гул мекунад. Он таъми болаззат ва бӯйи хуш дорад. Зирачой ҳамчун доруи иштиҳоовар ва қувватдиҳандаи меъда истифода мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИЧА

Дарси 1. Ӯзбекистон — сарзамини пурсаховат........ 3
Дарси 2. Овоз ва ҳарф ........................................ 6
Дарси 3. Номи предметҳо ...................................... 8
Дарси 4. Ҳаракати предметҳо ................................. 9
Дарси 5. Аломати предметҳо ................................. 11
Дарси 6. Адади предметҳо .................................... 13
Дарси 7. Ҷонишин ............................................... 14
Дарси 8. Ёридиҳандаҳо ........................................ 16
Дарсҳои 9—10. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои имлоӣ ........................................ 18
Дарси 11. Машқи хат. Хушхат навиштани ҳарфҳои хурди дар мобайни қатор навишташаванда....... 18
Дарси 12. Нутқ ................................................. 19
Дарси 13. Матн ................................................. 22
Дарси 14. Машқи хат. Хушхат навиштани ҳарфҳои хурди дар мобайни қатору аз қатор поён навишташаванда ............................................ 24

## Таркиби калима

Дарси 15. Реша .................................................. 25
Дарси 16. Калимаҳои ҳамреша ................................. 27
Дарси 17. Пешванд ............................................. 29
Дарси 18. Пасванд ............................................. 31
Дарси 19. Бандак ............................................... 32
Дарси 20. Иҷрои машқҳои 69—72 ............................ 33
Дарси 21. Такрори таркиби калима ......................... 34
Дарси 22. Нақли хаттӣ аз рӯйи расм ва матн...... 35



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҳиссаҳои нутқ
### Исм

Дарси 23. Исм ........................................ 37
Дарси 24. Иҷрои машқҳои 76—77 .................. 40
Дарси 25. Саволҳои исм ............................. 40
Дарси 26. Иҷрои машқҳои 80—81 .................. 42
Дарси 27. Саволҳои исм: киҳо? чиҳо? ............ 42
Дарси 28. Иҷрои машқҳои 84—85 .................. 43
Дарсҳои 29—30. Диктанти санҷишӣ ва кор
бо хатоҳои имлоӣ ..................................... 44
Дарси 31. Исмҳои хос ................................ 44
Дарси 32. Иҷрои машқҳои 88—89 .................. 45
Дарси 33. Машқи хат. Навиштани исмҳои хос .... 46
Дарси 34. Машқи хат. Навиштани исмҳои ҷинс .... 46
Дарси 35. Тартиб додани матн аз рӯйи расм ....... 47
Дарси 36. Такрори чоряки якум. Тест ............... 48
Дарси 37. Ҳарфи калон дар аввали исмҳо ........... 49
Дарси 38. Иҷрои машқҳои 92—93 .................. 50
Дарси 39. Иҷрои машқҳои 94—95 .................. 51
Дарси 40. Исмҳои танҳо ............................. 52
Дарси 41. Исмҳои ҷамъ ............................. 53
Дарси 42. Пасвандҳои ҷамъсози -ҳо, -гон, -он ..... 54
Дарсҳои 43—45. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои
имлоӣ .................................................. 54
Дарси 46. Иҷрои машқҳои 102—103 ..................54
Дарси 47. Исмҳои ҳаммаъно .......................... 56
Дарси 48. Исмҳои муқобилмаъно ..................... 56
Дарси 49. Пешванди исмсози ҳам- ................... 57
Дарсҳои 50—51. Такрори исм. Савол ва тест ....... 58

### Сифат

Дарси 52. Сифат ...................................... 60
Дарси 53. Иҷрои машқҳои 117—120 .................. 62
Дарси 54. Алоқаи сифат бо исм ...................... 63
Дарси 55. Иҷрои машқҳои 124—125 .................. 65
Дарси 56. Сифатҳои муқобилмаъно ................... 65



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дарсҳои 57—58. Иҷрои машқҳои 131—134 .............. 68
Дарси 59. Пешвандҳои сифатсоз .............................. 70
Дарси 60. Иҷрои машқҳои 139—141 ......................... 73
Дарси 61. Пешванди но- ........................................ 74
Дарси 62. Пасвандҳои сифатсоз .............................. 75
Дарси 63. Пасвандҳои -ак (-як), -акак (-якак) ....... 77
Дарси 64 Пасвандҳои сифатсози -ча, -тоб ............ 78
Дарси 65. Пасвандҳои -тар, -тарин ......................... 79
Дарсҳои 66—67. Такрори чоряки дуюм. Тест ......... 81
Дарси 68. Иҷрои машқҳои 158—160 ......................... 82
Дарсҳои 69—70. Такрори сифат ............................... 83

## Шумора

Дарсҳои 71—72. Шумора .......................................... 85
Дарси 73. Иҷрои машқҳои 164—165 ......................... 86
Дарси 74. Нақли хаттӣ аз рӯйи расм ...................... 87
Дарси 75. Пасвандҳои шумора ................................. 87
Дарси 76. Иҷрои машқҳои 170—172 ......................... 89
Дарсҳои 77—78. Диктанти санҷишӣ ва кор
бо хатоҳои имлоӣ ................................................... 90
Дарсҳои 79—80. Такрори шумора ............................ 90

## Феъл

Дарси 81. Феъл ........................................................ 91
Дарси 82. Иҷрои машқҳои 176—179 ......................... 93
Дарси 83. Замонҳои феъл ........................................ 94
Дарси 84. Феъли замони гузашта ............................ 95
Дарси 85. Иҷрои машқҳои 184—185 ......................... 96
Дарси 86. Феъли замони ҳозира .............................. 97
Дарси 87. Иҷрои машқҳои 189—190 ......................... 98
Дарси 88. Феъли замони оянда ................................ 99
Дарси 89. Нақли хаттӣ аз рӯйи расм .................... 100
Дарси 90. Феълҳои ҳаммаъно ................................ 101
Дарси 91. Феълҳои муқобилмаъно ......................... 101
Дарси 92. Такрори феъл ......................................... 102



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дарсҳои 93—94. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои имлоӣ ........ 102
Дарси 95. Баёни фикр аз рӯйи мазмуни порчаҳои шеърӣ ва расм ........ 102

## Пешоянд

Дарсҳои 96—97 Пешоянд ........ 104

## Пасоянд

Дарси 98. Пасоянди -ро ........ 106
Дарси 99. Аз рӯйи расм ва мазмуни матн тартиб додани нақшаи нақли хаттӣ ........ 107
Дарсҳои 100—101. Такрори чоряки сеюм. Тест ........ 108

## Ибора

Дарси 102. Ибора ........ 110
Дарси 103. Иҷрои машқҳои 207—209 ........ 111
Дарсҳои 104—105. Навиштани давоми матни нотамом ........ 112
Дарсҳои 106—107. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои имлоӣ ........ 112

## Ҷумла

Дарси 108. Ҷумла ........ 112
Дарси 109. Иҷрои машқҳои 213—215 ........ 113
Дарсҳои 110—111. Баёни эҷодӣ аз рӯйи расм ........ 114
Дарси 112. Ҷумла ва аломатҳои китобӣ ........ 115
Дарси 113. Иҷрои машқҳои 218—219 ........ 116
Дарсҳои 114—115. Ҷумлаи ҳикоягӣ ........ 117
Дарсҳои 116—117. Ҷумлаи саволӣ ........ 118
Дарси 118. Ҷумлаи хитобӣ ........ 119
Дарси 119. Ҷумлаи амрӣ ........ 119
Дарси 120. Тартиб додани нақша аз рӯйи расм. 120



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Аъзоҳои ҷумла

Дарсҳои 121—122. Сараъзоҳои ҷумла .................... 121
Дарси 123. Такрори ибора, ҷумла ва аъзоҳои ҷумла. Тест ............................................... 123
Дарси 124. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои имлоӣ ............................................... 124

## Такрори солона

Дарси 125. Такрори исм ва сифат ......................... 124
Дарси 126. Такрори феъл ва ҷонишин .................. 127
Дарси 127. Такрори пешоянду пасоянд ................. 130

## Инкишофи нутқ

Дарсҳои 128—129. Хондани матн ва баён кардани фикр ................................................ 132
Дарси 130. Такрори чоряки чаҳорум. .................... 135
Дарси 131. Хондани порчаҳои шеърӣ .................... 135

## Ҳусни хат

Дарси 132. Машқи хат. Навиштани ҳарфҳои ҳамшабеҳ ............................................................ 136
Дарси 133. Машқи хат. Навиштани калимаҳо ...... 136
Дарси 134. Машқи хат. Навиштани ибораҳо ........ 136
Дарси 135. Машқи хат. Навиштани ҷумлаҳо ......... 136
Дарси 136. Машқи хат. Навиштани матн .............. 137



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Чориев Таваккал.** Забони модарӣ: Китоби дарсӣ барои
Ч 80 донишомӯзони синфҳои 3-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ. (Т. Чориев. — Нашри шашум). — Т.: «O‘zbekiston», 2019. — 144 саҳ.

ISBN 978-9943-01-285-1

**УЎК 811.222.8(075)+**
**372.881.1(075)**
**КБК 83.3 Тад. 922**

*O‘quv nashri*

***Tavakkal Choriyev***

**ONA TILI**

Ta’lim tojik tilida olib boriladigan umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 3-sinfi uchun darslik

(*tojik tilida*)

(Oltinchi nashri)

Original-maket
«O‘zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlandi.
100011, Toshkent, Navoiy ko‘chasi, 30.

Муҳаррир *Ҷ. Эшонқулов*
Муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Қутлуқов*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Саҳифабанди компютерӣ *Ф. Хасанова*

Литсензияи нашриёт AI № 158, 14.08.2009.
Ба чопаш 24 январь соли 2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи $70 \times 90^1/_{16}$. Чопи офсетӣ. Гарнитураи «PragmaticTAD». Кг. 14,12.
Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 10,53. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 6,56.
Адади нашр . Супориши № .

Дар ХЭТН «O‘qituvchi»-и Агентии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон, ш. Тошканд, даҳаи Юнусобод, кўчаи Янгишаҳар, 1,А чоп шудааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳ-бари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқоваaш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Дар муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда ғайриимкон аст. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE